

***Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим***

**قَالَ رَسُول الله (صلّی الله علیه وَ آله):**
**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ اللهِ، وَعِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي،**
**مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا،**
**وَاَنَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتیّ يرِدَا**
**عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

***Расули Худо(с) фармудаанд:***
***Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд.***

*Саҳеҳи Муслим*, *ҷилди* ***7***, *саҳ*. ***122****;* *Сунани Дорамӣ*, *ҷилди* ***2***, *саҳ*. ***432****;* *Муснади Аҳмад*, *ҷилди* ***3***, *саҳ*. ***14, 17, 26, 59,*** *ҷилди* ***4***, *саҳ*. ***366, 371,*** *ҷилди* ***5***, *саҳ*. ***182,*** *Мустадраки Ҳоким*, *ҷилди* ***3***, *саҳ*. ***109, 148, 533*** *ва* ***...***

# Нигариши кӯтоҳе
# ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум

## Қисмати дувоздаҳум
## Зиндагии пешвои даҳум ҳазрати Имом Ҳодӣ (а)

**Муаллиф:**
**Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»**

**Мутарҷим:**
**Зарринтоҷ**

**Ношир**
**Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»**

نام كتاب: پيشواى دهم حضرت امام هادى (ع)
نويسنده: هيأت تحريريه مؤسسه در راه حق
مترجم: زرين تاج
زبان: تاجيكى

**Номи китоб**: Нигариши кӯтоҳе ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум (Зиндагии пешвои даҳум Имом Ҳодӣ)
**Муаллиф**: Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»
**Мутарҷим**: Зарринтоҷ
**Таҳиякунанда**: Муовинати фарҳангии Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт», идораи тарҷума
**Адади нашр**: 3000
**Навбати чоп**: Аввал
**Таърихи чоп**: соли 2008
**Ношир**: Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»
**Чопхона**: Исроъ
ISBN: 978-964-529-215-5
www.ahlul-bayt.org
info@ahlul-bayt.org

**RIGHTS RESERVED FOR**
**THE AHL AL-BAYT ('A) WORLD ASSEMBLY**

## Сарсухан

***Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим***

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посуххо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари



ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт(а) медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт(а) захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт(а) барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат(а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт (а)*

# Пешвои даҳум ҳазрати Имом Ҳодӣ (а)

## Фишурдае аз таърихи зиндагонии Имом Ҳодӣ (а)

Имом Абулҳасан Алии Нақии Ҳодӣ(а) - пешвои даҳуми шиаён, дар нимаи моҳи зиҳиҷҷаи соли 212-и ҳиҷрӣ дар маҳалле ба номи Сарё дар атрофи Мадина ба дунё омадааст. Падарашон пешвои нӯҳум Имом Ҷавод(а) ва модарашон бонуи гиромӣ Самона, зане буд бофазилат ва тақво.

Машҳуртарин лақабҳои имоми даҳум Нақӣ ва Ҳодӣ аст. Ба он гиромӣ Абулҳасани Солис низ мегӯянд. (Дар истилоҳоти ровиёни шиа Абулҳасани аввал имоми ҳафтум Мӯсо ибни Ҷаъфар ва Абулҳасани сонӣ имоми ҳаштум Алӣ ибни Мӯсо Ризо(а) аст).

Имом Ҳодӣ(а) дар соли 220-и (ҳ) пас аз шаҳодати падари гиромиаш дар синни ҳаштсолагӣ бар маснади имомат нишаст. Муддати имоматии он бузургвор 33 сол ва умри шарифашон 41 сол ва чанд моҳ буд ва дар соли 254 ба шаҳодат расиданд.

Онон ки имомро дидаанд чунин нақл кардаанд: он гиромӣ миёнақомат, симои сафеди



омехта ба сурхӣ, чашмҳои калон, абрӯҳои кушода, чеҳраи шодон ва дилкаш дошт.[1]

Муддати зиндагонии Имом Ҳодӣ (а) бо ҳафт ҳукумати халифаи Аббосӣ ҳамроҳ будааст. Пеш аз имомат бо Маъмун ва бародараш Мӯътасим ва дар солҳои имомат бо идомаи ҳукумати Мӯътасим ва бо Восиқ - писари Мӯътасим, Мутаваккил - бародари Восиқ, Мунтасир - писари Мутаваккил, Мустаин - писари амаки Мунтасир ва Мӯътаз - писари дигари Мутаваккил ҳамзамон будаанд. Ҳазрат дар замони Мӯътаз ба шаҳодат расидаанд.[2]

Дар ҳукумати Мутаваккил имомро ба дастури он ситамгар аз Мадина ба Сомарро, ки дар он ҳангом маркази ҳукумати Аббосиён буд, бурданд ва Имом (а) то охири умр дар Сомарро истиқомат доштанд.

Фарзандони он гиромӣ: пешвои ёздаҳум Имом Ҳасани Аскарӣ (а), Ҳусайн, Муҳаммад, Ҷаъфар ва як духтар ба номи Алийя мебошанд.[3]

### Рафтори хулафо

Истимрори мубориза ва мухолифати дудмони Пайғамбар(с) бо хулафои ғосиби ситамгар аз баргаҳои хунин ва пурифтихори таърихи Ислом

[1] "Мунтаҳаломол", саҳ. 243
[2] "Иршод"и Муфид, саҳ. 307
[3] "Эъломулваро", саҳ. 366

ва ташайюъ аст. Имомони бузургвори мо бо созишнопазирӣ дар баробари бедодгарон ва низ бо додхоҳию тарафдорӣ аз адолат, ҳокимони ҷаббор ва ҳаммаслакони ононро хашмгин месохтанд. Халифаҳои ситамгар медонистанд, ки имомони шиа аз ҳеҷ фурсате барои ҳидояти мардум, ҷонибдорӣ аз мазлумон, мубориза бо зулму фасод кӯтоҳӣ нахоҳанд кард. Онҳо худро дар баробари ин силсилаи ҳидоят, иршод ва муқовимат ҳамвора дар хатар медиданд.

Хулафои Бани Аббос, ки бо ҳилаю найранг ҷои ситамгарони Умавиро гирифта буданд ва ба номи хилофати исломӣ бар мардум ҳукумат мекарданд, монанди падарон ва гузаштагони ғосиби хеш аз ҳеҷ кӯшише дар мубориза ва азобу уқубат бо хонадони Пайғамбар(с) даст намекашиданд. Ба ҳар роҳ мехостанд чеҳраи пешвоёни ростини мусулмононро дигаргун ҷилва диҳанд ва бо дурӯғҳои гуногун он бузургворонро аз мақоми роҳбарии мардум дур доранд ва алоқаи умматро ба онон аз байн баранд...

Ҳилаҳои Маъмуни Аббосӣ барои расидан ба ин ҳадаф ва нақшаҳои шуми ӯ барои ҷилва додани хеш ва ба даст гирифтани мақоми раҳбарӣ ва пӯшондани офтоби имомат, бар касоне, ки бо таърихи Имомон(а) ва хулафо ошноянд, пӯшида нест. Мо дар зиндагии пешвои ҳаштум ва нӯҳум гӯшаҳое аз онро нишон додем.



Пас аз Маъмун, Мӯътасими Аббосӣ ҳамон тарҳҳо ва нақшаҳоро дар мавриди хонадони нубувват ва имомат давом дод. Бар ҳамин асос Имом Ҷавод(а)-ро аз Мадина ба Бағдод овард, то ӯро таҳти назорат дошта бошад ва дар вақти муносиб ба қатл расонад. Ӯ бархе аз алавиёнро ба баҳонаи он, ки *либоси* сиёҳ (ки *либоси* расмии Аббосиён буд) намепӯшиданд, зиндонӣ кард, то дар зиндон аз дунё гузаштанд (ё ба қатл расиданд).[4]

Мӯътасим дар соли 227-и (ҳ) дар Сомарро вафот кард ва фарзандаш Восиқ ба ҷои ӯ ба мансаби хилофат нишаст. Ӯ ҳамон афкори падараш ва амакаш Маъмунро такрор кард. Восиқ низ монанди соири халифагон исломпаноҳ.!!, айёш, шаробхӯр буд. Дар ин корҳо ифрот ҳам мекард ва барои *лаззатҷӯии* бештар ба доруҳои махсус паноҳ бурда буд, ки саранҷом ҳамон доруҳо сабаби маргаш шуданд.[5] Ӯ дар соли 232-и (ҳ) дар Сомарро вафот кард. Рафтори Восиқ бо алавиён сахт набуд ва ба ҳамин ҷиҳат алавиён ва Оли Абӯтолиб дар замони ӯ дар Сомарро то ҳудуде дар осоиш буданд, вале дар ҳукумати Мутаваккил пароканда шуданд.

Пас аз Восиқ бародараш Мутаваккил, ки аз касифтарин ва ҷинояткортарин чеҳраҳои

[4] “Мақотилуттолибийин” саҳ. 589

[5] “Татимматулмунтаҳо” саҳ. 229-231

ҳукумати Аббосӣ аст, халифа шуд. Имом Ҳодӣ(а) бо Мутаваккил беш аз боқимондаи халифаҳои Аббосӣ ҳамзамон буд, ки чаҳордаҳ сол тӯл кашид. Ин муддати тӯлонӣ аз сахттарин солҳои зиндагии он бузургвор ва пайравони ӯ ҳисоб мешавад. Зеро Мутаваккил кофиртарин халифаи Бани Аббос ва марди бадҷинс ва разил буд ва дар душманӣ ба Амири мӯъминон Алӣ(а) ва хонадону шиаёни ӯ дили пуркина дошт.

Мутаваккил бо нақли хобҳои сохтагӣ мардумро ба пайравӣ аз Муҳаммад ибни Идриси Шофеӣ, ки дар замони ӯ вафот карда буд, ташвиқ мекард. Ба ин тартиб мехост мардумро аз таваҷҷӯҳ ба Имомон(а) боз дорад. Дар соли 236-и (ҳ) дастур дод, ки мақбараи сарвари шаҳидон Ҳусайн(а) ва биноҳои атрофи онро вайрон созанд ва ҷои онро зироат коранд ва мардумро аз зиёрати он турбати пок нигаҳ доранд.

Мутаваккил метарсид, то қабри Имом Ҳусайн(а) пойгоҳи пайравонаш гардад ва шаҳодат ва муборизаи он шаҳиди бузургвор илҳомбахши ҳаракат ва қиёми мардум дар баробари ситамҳои дарбор шавад. Аммо шиаён ва дӯстдорони сарвари шаҳидон дар ҳеҷ шароит аз зиёрати он турбати пок боз наистоданд. Нақл шудааст, ки ҳатто Мутаваккил ҳабдаҳ бор қабри он ҳазратро хароб кард ва зиёраткунандагонро таҳдидҳо намуд. Ӯ ду постгоҳи назорат дар



атрофи қабр қарор дод ва бо ҳамаи ин ҷиноятҳо натавонист мардумро аз зиёрат боз дорад.

Зиёраткунандагон ба ҳамаи ин азобу шиканҷаҳо тоқат мекарданду боз ба зиёрат меомаданд.[6] Пас аз қатли Мутаваккил дубора шиаён бо ҳамкории алавиён қабри Имом Ҳусайн(а)-ро бозсозӣ карданд.[7]

Хароб кардани қабри Имом Ҳусайн(а) мусулмононро хашмгин сохт. Мардуми Бағдод бар зидди Мутаваккил бар деворҳою дари масҷидҳо шиорҳо менавистанд ва ӯро бо ашъорҳои гуногун ҳаҷв мекарданд. Шеъри зерин аз ҷумлаи шеърҳое аст, ки дар ҳаҷви он тоғути ситамгар суруда буданд:

**“Биллоҳи ин конат умайяту қад атат**

**Қатла ибни бинти набиййиҳо мазлуман.”**

***Ба Худо савганд агар Бани Умайя ба ситам фарзанди духтари пайғамбарашонро куштанд.***

**“Фалақад атоҳу бану Абиҳӣ бимислиҳи**

**Ҳозо лаъамрӣ қабруҳу маҳдуман.”**

***Инак касоне, ки аз дудмони ӯ ҳастанд (Бани Аббос, ки аз фарзандони Абдулмутталиб ва ҷузъи Бани Ҳошим ҳисоб мешаванд) ҷинояте монанди ҷинояти Бани Умайя муртакиб шудаанд. Ин қабри Ҳусайн аст, ки ба ҷони худам савганд вайрон шудааст.***

---

[6] “Татимматулмунтаҳо” саҳ. 240-241

[7] “Мақотилуттолибийин” саҳ. 599

**“Асифу ало ан ло якуну шораку**

**Фӣ қатлиҳи фататтабиъуҳу рамиман.**”[8]

***Гӯё Бани Аббос мутаассифанд, ки дар қатли Ҳусайн(а) ширкат надоштаанд ва инак (аз он ҷинояти Бани Умайя) бо таҷовуз ба турбати Ҳусайн(а) ва вайрон кардани қабри ӯ пайравӣ менамоянд.***

Оре, мардум ки дасташон аз васоили таблиғии рӯз кӯтоҳ буд ва минбару масҷидҳо ва хутбаҳоро дар дасти ситамгарони ҳукумати Аббосӣ медиданд ба ин гуна эътироз ва хашми хешро берун меоварданд.

Шоирони масъул низ ҳунари худро ба кор мебурданд ва бар зидди Мутаваккил шеърҳо месуруданд ва мардумро ба ҷиноятҳои Бани Аббос шинос месохтанд. Мутаваккил ба муқобили онҳо барои хомӯш сохтани ҳар садои эътирозу мухолифат, даст аз ҳеҷ ҷинояте намебардошт. Олимону шоирон ва гурӯҳҳои дигареро, ки тан ба созиш ва ҳамкорӣ бо режими ӯ намедоданд, сахт саркӯб мекард ва ба фоҷиатарин сурат ба қатл мерасонд.

**Ибни Сакийят -** шоир ва адиби номовари шиа, ки дар адабиёти араб ӯро “Имом” меномиданд, омӯзгори фарзандони Мутаваккил буд. Рӯзе Мутаваккил бо ишора бо ду фарзанди

[8] “Таърихулхулафо”- и Суютӣ, саҳ. 347



худ Мӯътаз ва Муайяд аз Ибни Сакийят пурсид: “Ин ду назди ту маҳбубтаранд ё Ҳасану Ҳусайн?.

Ибни Сакийят чунин ҷавоб дод: “Қанбар - ғуломи Амири мӯъминон Алӣ(а) аз ту ва ду фарзандат беҳтар аст!”.

Мутаваккил чун хуруси захмдида барошуфт ва фармон дод, то забони ӯро аз пушти сараш берун бикашанд. Ба ин тариқа он шахси шуҷоъ ва шариф дар 58-солагӣ ба шаҳодат расид.[9] (Дуруди Худо, покон ва озодагон бар ӯ бод).

Мутаваккил дар харҷи байтулмоли мусулмонон низ чун дигар халифагон дасти кушода дошт. Дар таърихи зиндагии ӯ менависанд, ки коххои гуногуне бино мекад ва танҳо барои бинои “Бурҷи Мутаваккил”, ки ҳоло дар Сомарро барҷост, як миллиону ҳафтсад ҳазор динор харҷ кард!...[10]

Дардовар аст, ки дар канори чунин исрофкориҳои зиёд ба хонадони Пайғамбар(с) ва пайравони ӯ сахтиҳои зиёд мегузашт. ”Гурӯҳе аз бонувони шиа дар Мадина, ҳатто як даст либоси дуруст надоштанд, ки дар он намоз бигзоранд ва фақат як пероҳани нимдошт барояшон монда буд ва ҳангоми намоз ба навбат аз он истифода мебурданд. Онҳо бо чархресӣ рӯз мегузаронданд

[9] “Таърихулхулафо”-и Суютӣ, саҳ. 348

[10] “Таърихи Яъқубӣ”, саҳ. 491

ва пайваста дар чунин сахтию тангдастӣ буданд, то Мутаваккил ба ҳалокат расид”.[11]

Бадбинӣ ва душмании Мутаваккил нисбат ба Амири мӯъминон Алӣ(а) ӯро ба пастӣ ва разолати боварнакарданӣ кашида буд.

Мутаваккил бо носибиҳо[12] ва душманони аҳли байти Паёмбар(с) унс мегирифт ва барои таскини дили нопоки худ ба масхарабозе дастур дода буд, ки дар ҳузури ӯ бо масхараҳои шармовари зиндае Амири Мӯъминон Алӣ(а)-ро масхара кунад. Мутаваккил дар баробари масхарабозиҳои ӯ шароб менӯшид ва қаҳ-қаҳаи мастона сар медод![13]

Чунин аъмоле аз Мутаваккил тааҷҷубовар нест, балки шигифтовар ва дардангез вазъи касоне аст, ки чунин шахсони разилу нопокро халифаи Пайғамбар(с), валиамри Ислом ва ҳокими мусулмонон мепиндоранд. Онҳо ба исломи ростин ва хонадони поки Пайғамбар(с) пушт карда, аз чунин халифагон пайравӣ мекунанд! Дареғо, ки гумроҳии инсон то куҷост.

Боре ҷиноятҳо ва озорҳои Мутаваккил чунон авҷ гирифт, ки ҳатто худаш низ гоҳ ба он эътироф мекард. Фатҳ ибни Ҳоқон вазири ӯ, рӯзе

[11] “Татимматулмунтаҳо”, саҳ. 238

[12] Гурӯҳе аз душманони Амири мӯъминон Алӣ(а)

[13] “Татимматул мухтасар фӣ ахборил башар”, ҷ.1, саҳ.338



Мутаваккилро дар андеша мебинад ва бо дурӯягӣ мегӯяд:

- Чаро дар андешаӣ? Ба Худо қасам ҳеҷ кас дар рӯи замин беҳтар ва хуштар аз ту зиндагӣ намекунад.

Мутаваккил ҷавоб медиҳад:

- “... Беҳтар аз ман зиндагии марде аст, ки хонаи васеъ, ҳамсари шоиста, маоши фаровон ва омода дошта бошад ва моро нашиносад, ки ӯро биозорем, мӯҳтоҷи мо набошад, ки ӯро таҳқир кунем!!”.[14]

Сахтгирӣ ва озори Мутаваккил ба хонадони Пайғамбар(с) ба ҷое расид, ки мардумро барои дӯстӣ ва пайравӣ ба имомони гиромӣ шиканҷа мекарданд ва ба ҳамин ҷиҳат кор бар аҳли байти исмат ва таҳорат бисёр мушкил шуд.

“Мутаваккил Умар ибни Фараҷи Рухҷиро фармонравои Макка ва Мадина сохт. Ӯ мардумонро аз эҳсон ба Оли Абӯтолиб боз медошт ва сахт аз паи ин кор буд. Мардум аз бими ҷон даст аз риоят ва ҳимояти алавиён бардоштанд, дар натиҷа бар хонадони Амири мӯъминон Алӣ(а) зиндагӣ сахт шуд...”[15]

[14] “Таърихулхулафо”, саҳ.353

[15] “Татимматулмунтаҳо”, саҳ.238

### Даъвати Имом ба Сомарро

Маълум аст бо тарсе, ки халифаҳои ситамгар аз нуфузи имомон алайҳимуссалом дар ҷомеа ва таваҷҷӯҳу алоқае, ки мардум ба он бузургворон доштанд, мумкин набуд даст аз имомони бузургвори мо боз доранд ва онҳоро ба ҳоли худ гузоранд. Дар замони Мутаваккил изофа бар ин ҳарос, ки домангири ҳамаи гузаштагони ӯ буд, кина ва душмании хосаш нисбат ба хонадони Амири Мӯъминон(а) низ бар мухолифату сахтгириаш меафзуд. Барои ҳамин ҳам ӯ Имом Ҳодӣ(а)-ро аз Мадина назди худ овард, то аз наздик ӯро зери назар дошта бошад.

Мутаваккил соли 243-и (ҳ) имомро мӯҳтарамона аз Мадина ба Сомарро овард ва он гиромиро дар манзиле дар канори урдугоҳи низомии худ ҷой дод. Имом то поёни умр, яъне то соли 254 дар ҳамон маҳал истиқомат дошт. Ӯ ҳамвора имомро таҳти назорати шадиди худ қарор медод. Халифаҳои пас аз ӯ низ яке пас аз дигаре он бузургворро зери назар доштанд, то он гоҳ, ки ба шаҳодат расиданд.[16]

Ҷараёни бадарғаи Имом(с) чунин сурат гирифта буд, ки дар замони Мутаваккил шахсе ба номи Абдулло ибни Муҳаммад мутасаддии

[16]“ Фусулулмуҳимма”-и Ибни Саббоғи Моликӣ, саҳ.283



умури низомӣ ва намоз дар Мадина буд. Ӯ ба озори Имом Ҳодӣ(а) мепардохт ва назди Мутаваккил аз он гиромӣ бадгӯӣ мекард. Имом аз рафтори ӯ бохабар шуд ва дар номае дурӯғгӯӣ ва душмании Абдулло ибни Муҳаммадро ба Мутаваккил хабар дод. Мутаваккил дастур дод ба номаи Имом ҷавоб гардонанд ва ӯро мӯҳтарамона ба Сомарро даъват кунанд.

Матни посухе, ки ба Имом навиштанд чунин буд:

***“Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Аммо баъд, ҳамоно Амир мақоми шуморо мешиносад, хешовандиатонро медонад ва ҳаққатонро лозим медонад... Амир, Абдулло ибни Муҳаммадро, ки нисбати шумо беэҳтиромӣ кардааст, гунаҳгор мешуморад ва ӯро аз вазифааш дар Мадина озод кардааст. Амир медонад, ки шумо аз ин тӯҳматҳо дар канор ҳастед, дар гуфтор ва кирдори некатон сидқу ният доред ва худро барои анҷоми мавридҳои иттиҳом омода накардаед. Амир ба ҷои ӯ Муҳаммад ибни Фазлро қарор дод ва ба ӯ дастури икром, эҳтиром, итоат аз фармон ва назари шуморо додааст. Амир муштоқи дидори шумост ва дӯст дорад бо шумо аз нав аҳду паймон бандад. Пас агар шумо ҳам мулоқот ва мондани назди ӯро дӯст доред, худ ва ҳар кас аз аҳли байт, дӯстон ва ходимонро, ки моил ҳастед, интихоб кунед ва бофурсат ва дар вақти муносиб ба сӯи мо биёед. Вақти сафар, таваққуф дар байни роҳ ва интихоби роҳ ҳама ба ихтиёри шумост. Агар***

***мехоҳед Яҳё ибни Ҳарсама дӯсти амир ва сипоҳиёнаш дар хидмати шумо ҳаракат кунанд. Ҳар тавре ки мехоҳед, ба ӯ дастур додаем ба шумо итоат намояд. Пас, аз Худо талаби хайр намоед, то Амирро мулоқот намоед. Ҳеҷ кас аз бародарон, фарзандон, афроди хонадон ва наздиконаш назди ӯ мисли шумо азизтар нест. Вассалом".***

Бешак Имом (а) аз ниятҳои Мутаваккил огоҳ буд, вале чорае ҷуз рафтан ба Сомарро надошт. Зеро саркашӣ кардан аз даъвати Мутаваккил санаде барои бадгӯён мешуд ва ин Мутаваккилро бештар водор мекард, ки бештар муроқиби Имом бошад. Гувоҳи он ки Имом (а) аз ниятҳои Мутаваккил огоҳ буд ва ночор ба ин сафар рафта аст он аст, ки худи ӯ баъдҳо дар Сомарро фармуд: "Маро аз Мадина бо икроҳ[17] ба Сомарро оварданд"[18].

Ба ҳар ҳол Имом (а) номаро ба худ нигоҳ дошт ва озими Сомарро шуд ва Яҳё ибни Ҳарсама низ бо он гиромӣ буд. Чун ба Сомарро расиданд Мутаваккил нагузошт, ки Имом (а) ҳамон рӯз дохили шаҳр шаванд. Ӯ дастур дод, ки имомро дар ҷои номуносибе ба номи "Хонуссаъолик", ки ҷойгоҳи гадоён ва мустамандон буд, ҷой диҳанд. Он рӯз Имом (а) дар он ҷо монд, он гоҳ

[17] Маҷбур, ғайрихоҳиш, зери фишор.

[18] "Биҳоруланвор", ҷ.50, саҳ.129.



Мутаваккил хонаи ҷудогонае барои он ҳазрат дар назар гирифт ва имомро ба он ҷо кӯчонд. Ӯ ба зоҳир ӯро мавриди эҳтиром қарор дода пинҳонӣ аз пайи гунаҳгор ва бадном кардани Имом (а) буд, вале қудрату тавоноӣ барои он надошт.[19]

Солеҳ ибни Саид мегӯяд: "Рӯзе, ки он ҳазрат ба Хонуссаъолик омад, ба хидматаш шарафёб шудам ва арз кардам: фидои ту шавам, ин ситамкорон дар ҳамаи чиз мехоҳанд нури туро хомӯш созанд ва дар ҳаққи ту кӯтоҳӣ кунанд, то он ҷо, ки шуморо дар ин корвонсарои паст, ки корвонсарои камбағалону фақирон аст, фурӯд оварданд.

Он гиромӣ бо даст ба сӯе ишора кард ва фармуд:

- Ин ҷоро бубин, эй Саид!

Ман нигоҳ кардам боғҳои оростаи пур аз мева, ҷӯйҳои ҷорӣ, ҳурону хизматгорони биҳиштӣ ҳамчунон марворидҳои покиза ва дастнахӯрда дидам, ҳайрон шудам ва бисёр тааҷҷуб кардам.

Фармуд:

- Мо ҳар куҷо бошем ин барои мост, эй писари Саид мо дар Хони Саъолик нестем".

Имом Ҳодӣ(а) дар муддати истиқомат дар Сомарро ранҷҳои бисьёр дид. Бахусус аз тарафи Мутаваккил ҳамвора мавриди таҳдид ва озор

[19] "Иршод"-и Муфид, саҳ.313-314.

қарор мегирифт ва бо хатар рӯ ба рӯ мешуд. Намунаҳое, ки зикр мекунем аз вазъи хатари Имом (а) дар Сомарро ва таҳаммулу истиқомат ва сарсахтии он азиз дар муқобили тоғутҳои ситамгар аст:

Сақр ибни Абӯдулаф мегӯяд: ҳангоме ки Имом Ҳодӣ(а)-ро ба Сомарро оварданд, ман рафтам, то аз ҳоли ӯ ҷӯё шавам. Заррофӣ - дарбони Мутаваккил маро дид ва дастур дод, то ворид шавам, ворид шудам. Пурсид:

- Барои чӣ кор омадаӣ?

Гуфтам:

- Хайр аст....

Гуфт:

- Бинишин. Нишастам, вале ҳаросон шудам ва сахт дар андеша рафтам. Бо худ гуфтам иштибоҳ кардаам (ки ба чунин кори хатарноке иқдом карда ва барои дидани Имом омадаам).

Заррофӣ мардумро дур кард ва чун хилват шуд гуфт:

- Чӣ кор дорӣ ва барои чӣ омадаӣ?

Гуфтам:

- Барои кори хайре.

Гуфт:

- Гӯё омадаӣ аз ҳоли мавлои худ хабар гирӣ.

Гуфтам:

- Малои ман кист? Мавлои ман халифа аст!

Гуфт:



- Сокит шав, мавлои ту барҳақ аст. Натарс, ки ман низ дар эътиқоди ту ҳастам ва ӯро имом медонам.

Ман Худоро сипос гуфтам ва он гоҳ ӯ гуфт:

- Оё мехоҳӣ назди ӯ биравӣ?

Гуфтам:

- Оре.

Гуфт:

- Соате бинишин, то паёмовар берун равад ва чун берун рафт ба ғуломаш гуфт: “Ӯро дар ҳуҷрае, ки он ҳазрат зиндонӣ аст, бибар ва назди ӯ бимону баргард”.

Чун ба хидмати Имом (а) расидам, он гиромиро дидам бар бурёе нишаста ва дар баробараш қабре кофтагӣ аст. Салом кардам, фармуд:

- Бининиш. Нишастам, пурсид:

- Барои чӣ омадаӣ?

Гуфтам:

- Омадаам то аз ҳоли шумо хабар гирам.

Бар қабр назар кардам ва гиристам. Фармуд:

- Гирён мабош, ки дар ин вақт ба ман осебе намерасад.

Ман Худоро сипос гуфтам. (Он гоҳ аз маънои ҳадисе пурсидам ва Имом ҷавоб гуфтанд ва пас аз ҷавоб) фармуданд:

- Маро вогузор ва берун рав, ки бар ту амин нестам ва бими он аст, ки озоре ба ту расонанд.[20]

Ибни Ҷавзӣ, олими бузурги аҳли суннат менависад:

Боре аз Имом Ҳодӣ(а) назди Мутаваккил шикоят карданд, ки дар манзили ӯ аслиҳа, навиштаҳо ва ашёҳои дигаре аз ин қабил аст, ки аз шиаҳои ӯ дар Қум ба ӯ расидааст. Ӯ тасмим ва омодагӣ дорад, ки алайҳи давлат ҳуҷум кунад. Мутаваккил гурӯҳеро ба манзили он гиромӣ фиристод ва онон шабона ба хонаи Имом (а) ҳуҷум бурданд, вале чизе ба даст наёварданд. Онҳо имомро дар хонае диданд, ки дарро ба рӯи худ баста, ҷомаи пашмин бар тан ба замин нишаста, ба ибодати Худо ва тиловати Қуръон машғул аст.

Имомро ба ҳамон ҳол назди Мутаваккил бурданд ва ба ӯ гуфтанд, ки дар хонааш чизе наёфтем ва ӯро рӯ ба қибла дидем, ки Қуръон мехонд.

Мутаваккил чун имомро дид, азамат ва ҳайбати Имом (а) ӯро фаро гирифт ва беихтиёр аз ҷой хеста Имом (а)ро дар канори худ шинонд. Ӯ ҷоми шароберо, ки дар даст дошт ба он ҳазрат дароз кард. Имом (а) савганд ёд кард, ки гӯшту хуни ман ба чунин чиз омехта нашудааст, маро

[20] "Биҳоруланвор", ҷ.50, саҳ194-195.



маъзур дор. Мутаваккил дасташро бардошт ва гуфт:

- Шеъре бихон!

Имом фармуд:

- Ман шеър кам аз бар донам.

Гуфт:

- Бояд бихонӣ.

Имом ин ашъорро хонд:

**"Боту ало қулалил аҷболи таҳрисуҳум,**
**Ғулбур риҷоли фамо ағнатҳумул қулалу.**
**Вастанзалу баъда иззин ан маъоқилиҳим,**
**Фаудиъу ҳуфаран ё биъса мо назалу.**
**Нодоҳум сорихун мин баъди дафниҳим,**
**Айнал асовиру ват тиҷону вал ҳулалу.**
**Айнал вуҷуҳул латий конат мунаъаматан,**
**Мин дуниҳо тузрабул астору вал килалу.**
**Фаафсаҳал қабру анҳум ҳина соалаҳум,**
**Тилкал вуҷуҳу алайҳад дуду тантақилу".**

Тарҷума:

***"Дар қуллаи кӯҳсорҳо шабро ба рӯз оварданд ва мардони нерӯманд аз онон посдорӣ мекарданд, вале қуллаҳо натавонистанд ононро (аз хатари марг) бираҳонанд".***

***"Пас аз иззат аз ҷойгоҳҳои амн ба поин кашида шуданд ва дар гӯрҳо ҷояшон доданд, гӯр чӣ манзил ва оромгоҳи нописанде аст!"***

***"Пас аз он ки ба хок супурда шуданд, фарёдгаре фарёд баровард: куҷост он дастбандаҳо ва тоҷҳо ва либосҳои фохир?"***

***“Куҷост он чеҳраҳои ба нозу неъмат парварида, ки ба эҳтиромашон пардаҳо меовехтанд (боргоҳ, парда ва дарбон доштанд)?”.***

***“Гӯр ба ҷои эшон ҷавоб дод: бар он чеҳраҳо акнун кирмҳо роҳ мераванд”.***

Таъсири каломи Имом Ҳодӣ(а) чандон буд, ки Мутаваккил ба сахтӣ гирист, чунон ки ришаш тар шуд ва ҳозирони дигар низ гиристанд. Мутаваккил амр дод, то зарфҳои шаробро ҷамъ кунанд ва чаҳор ҳазор дирҳам ба Имом (а) тақдим кард ва он гиромиро боэҳтиром ба манзил баргардонд.[21]

**Ҳуҷуми навбатӣ ба манзили Имом (а)**

Мутаваккил пас аз беҳбудӣ аз як беморӣ, ки аз Имом (а) барои муолиҷа роҳнамоӣ хоста буд ва роҳнамоии имом таъсирбахшу муфид буд, панҷсад динор ба имом фиристод. Модари Мутаваккил низ тибқи назре, ки барои беҳбудии фарзандаш карда буд, маблағи даҳ ҳазор динор дар халтача, ки мӯҳр ва мум карда шуда буд хидмати Имом (а) фиристод.

Аз ин муқаддима муддати тӯлонӣ гузашт ва марде ба номи Батҳоӣ назди Мутаваккил аз Имом (а) шикоят кард, ки амвол, силоҳ ва сипоҳиёне фароҳам оварда, қасди қиём дорад.

[21] “Татимматул мухтасар фӣ ахборил башар”, ҷ.1, саҳ.347.



Мутаваккил ба Саиди Ҳоҷиб дастур дод, ки бо гурӯҳе аз лашкари пиёда ва муборизони шуҷоъ, ногаҳон ба манзили Имом ҳуҷум баранд ва ҳарчи амволу аслиҳа пайдо кунанд, забт карда биёранд.

Саид мегӯяд: ҳангоме ки мардум хоб рафтанд ҳамроҳи гурӯҳе аз ҷанговарон бо нардбонҳо суроғи хонаи он ҳазрат рафтем. Мо ба боми хона баромадем ва дари даромадро боз карда бо шамъҳою чароғҳо ва машъалҳо ҳуҷум бурдем. Ҳама ҷои хонаро аз болою поин ва гӯшаю канор ҷустуҷӯ кардем, чизе ҷуз ду киса, яке калону пур (аз динор) ва дигаре ҳам, ки хурд буда каме динор дошт ва инчунин як шамшери корношоям дар ғилофи кӯҳна чизи дигаре пайдо накардем. Имомро дар ҳуҷрае дидем, ки дар рӯи бурёе истода намоз мегузорад. Ӯ ҷомаи пашмин бар тан ва кулоҳе бар сар дошт ва ба ҳуҷуму дохили хона шудани мо эътиборе намедод. Мо ҳарду кисаи динор ва шамшерро назди Мутаваккил бурдем ва ба ӯ гуфтем, ки он чӣ аз молу аслиҳа ёфтем ин аст ва ҳодисаро ба ӯ нақл кардем.

Мутаваккил мӯҳри модари худро бар кисае, ки пур аз динор буд дид. Модарашро хост ва аз ӯ чигунагиро пурсид. Модараш гуфт: он гоҳ, ки бемор будӣ назр кардам, ки агар Худо ба ту беҳбудӣ бахшад, даҳ ҳазор динор аз моли худ ба Имом (а) медиҳам ва онро дар ҳамин киса гузошта пеши ӯ фиристодам. Ин мӯҳр ва мум аз ман аст.

Мутаваккил панҷсад динори дигар ба панҷсад диноре, ки қаблан дода буд изофа кард ва ба Саиди Ҳоҷиб гуфт: “Ин ду киса ва шамшерро ба ӯ баргардон ва аз тарафи мо узрхоҳӣ кун”.

Саид мегӯяд: онҳоро баргардондам ва арз кардам, ки Амир аз шумо урзхоҳӣ мекунад ва панҷсад динор ба панҷсад динори қаблӣ изофа кардааст. Хоҳишам ин аст, ки маро низ авф кунед, чун ман бандаю маъмурам ва аз сарпечӣ аз фармони Амир метарсам. Он гиромӣ фармуд: **“...Ва саяъламул лазина заламу айя мунқалабин янқалибун,-** ***Дере намепояд, ки ситамгарон дармеёбанд ба куҷо бозгашт менамоянд”.***[22]

Саранҷом бо ҳамкории Мунтасир (писари Мутаваккил) гурӯҳе аз сипоҳиёни турк Мутаваккилро бо ҳамроҳии вазираш Фатҳ ибни Хоқон дар ҳоле ки ба айшу майгусорӣ машғул буданд, ба қатл расонданд.[23] Бо ҳамин ҳукумати нангини Мутаваккил поён ёфт ва ҷаҳонро аз вуҷуди палидаш пок сохтанд.

Мунтасир субҳи ҳамон шабе, ки Мутаваккил ба қатл расид, хилофатро ба даст гирифт ва дастур дод қисме аз коххои падарашро хароб карданд.[24]

---

[22] “Фусулулмуҳимма”-и Ибни Саббоғи Моликӣ, саҳ.281-282

[23] “Татимматул мухтасар фӣ ахборил башар”, ҷ.1, саҳ.241-242

[24] “Татимматулмунтаҳо”, саҳ.243



Мунтасир нисбат ба алавиён озоре надошт ва нисбати онон аз худ лутфу меҳрубонӣ нишон медод. Барояшон иҷозат дод, то ба зиёрати қабри Имом Ҳусайн(а) бираванд. Ба онҳо некӣ ва эҳсон мекард ва инчунин дастур дод, то “Фадак”-ро ба авлоди Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн(а) баргардонанд. Даврони хилофати Мунтасир кӯтоҳ ва фақат шаш моҳ буд. Ӯ дар соли 248-и (ҳ) вафот кард.

Пас аз ӯ писари амакаш Мустаин - набераи Мӯътасим ба хилофат расид. Ӯ ҳамон рафтори халифаҳои пештараро давом медод. Дар ҳукумати ӯ гурӯҳе аз алавиён қиём карданд ва кушта шуданд.

Мустаин худ дар баробари шӯриши сипоҳиёни турк, натавонист муқовимат кунад ва шӯришчиён Мӯътазро аз зиндон озод карданд ва бо ӯ байъат намуданд. Кори Мӯътаз омад кард ва саранҷом Мустаин бо Мӯътаз хоҳони сулҳ шуд. Мӯътаз ба зоҳир бо ӯ сулҳ кард ва ӯро ба Сомарро даъват кард ва фармон дод дар байни роҳ ӯро куштанд.[25] Мустаин дасти бархе аз наздикони худ ва сарони туркро дар сарфи нодуруст ва ғайришаръии байтулмол боз гузошта буд. Ӯ нисбат ба имомони маъсум рафтори бисёр нораво дошт. Аз рӯи баъзе

---

[25] “Алмухтасар фӣ ахборил башар, ҷ.2, саҳ.42-44

ривоятҳо мавриди нафрини Имом Ҳасани Аскарӣ(а) қарор гирифт ва аз байн рафт.[26]

Пас аз Мустаин, Мӯътаз - писари Мутаваккил ва бародари Мунтасир хилофатро ба даст гирифт. Рафтори ӯ низ нисбат ба алавиён бисёр бад буд. Дар ҳукумати ӯ гурӯҳе аз алавиён кушта ё зиндонӣ шуданд. Имом Ҳодӣ(а) низ дар замони ӯ ба шаҳодат расиданд.

Мӯътаз саранҷом ба шӯриши сарони турк ва дигарон рӯ ба рӯ шуд ва шӯришчиён ӯро аз кор барканор карданд ва пас аз азобу шиканҷа дар сирдоб[27] афканданд. Онҳо дари сирдобро аз берун бастанд, то дар ҳамон ҷо ба ҳалокат расид.

### Маҳдудияти Имом (а) ва шаҳодат

Ҳар андешаманде бо нигоҳе ба зиндагонии Имом Ҳодӣ(а) мефаҳмад, ки он гиромӣ дар саросари умри худ бо маҳдудият ва ранҷу азоб рӯ ба рӯ буда аст. Албатта ин вазъият вобаста бо замони ӯ набуд, балки дар тамоми даврони Бани Умайя ва Бани Аббос ин ҳодиса такрор меёфт. Халифаҳои ситамгар ҷомеа ва масолеҳи онро нодида мегирифтанд ва мардумро василае барои манфиатҳои худ ҳисоб мекарданд. Дар ҳукумати халифаҳои ситамгар чунон ваҳшат ҳукмфармо

[26] “Биҳоруланвор”, ҷ.50, саҳ.249

[27] Хонаи зеризаминӣ, ки одатан дар ҳавои гарми тобистон аз он истифода мебаранд.



буд, ки мардум ҷуръат надоштанд ба муқобили онҳо бархезанд ва аз раҳбарии имомони маъсум баҳра бигиранд ва ҳукумати ростини Исломро барқарор созанд. Аз ҳамин ҷиҳат муносибат ва робитаи уммат бо имом ниҳоят маҳдуд буд ва чунон, ки қайд карда гузаштем ҳукумати вақт Имом Ҳодӣ(а)-ро маҷбурӣ аз Мадина ба маркази хилофати онрӯза, яъне Сомарро овард ва он бузургворро комилан таҳти назорат нигоҳ медошт. Имом (а) бо таҳаммул ба ҳамаи ин азобу уқубатҳо ҳаргиз ба камтарин тафоҳуме бо ситамгарон тан надод. Шахсияти илоҳӣ, мавқеияти иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ накардан бо хулафо барои тоғутҳои ситамгар тарсовар ва ногувор буд. Бани Аббос пайваста аз ин масъала ранҷ мебурданд ва саранҷом ба натиҷае расиданд, ки бояд ин нури худо хомӯш ва ба қатл расонда шавад. Ба ин тариқ Имом Ҳодӣ(а) низ монанди гузаштагони гиромияш ба марги табиӣ аз дунё нарафт. Ҳазрат дар замони Мӯътази Аббосӣ заҳр дода шуд[28] ва дар сеюми моҳи раҷаби соли 254-и (ҳ) вафот кард ва дар Сомарро дар хонаи худ ба хок супурда шуд.[29]

Мӯътаз ва атрофиёнаш мехостанд худро дӯстдорони имом нишон диҳанд. Онҳо бо иштирок дар маросими намоз ва дафни Имом (а)

[28] “Нурулабсор”-и Шабланҷӣ, саҳ.183

[29] “Таърихи Яъқубӣ”, ҷ.2, саҳ.499

мехостанд ба нафъи ғаразҳои шуми худ баҳрабардорӣ кунанд ва бо авомфиребӣ бар ҷиноятҳои худ сарпӯш гузоранд. Ба эътиқоди мо шиаён бар бадани имом, имоми маъсум бояд намоз бигзорад. Ба ҳамин ҷиҳат пеш аз он, ки ҷанозаи мутаҳҳари имомро берун баранд, Имом Ҳасани Аскарӣ(а), фарзанди барӯманди Имом Ҳодӣ(а) бар падари шаҳиди худ намоз хонд.30 Баъд аз он, ки ҷаноза берун оварда шуд, Мӯътаз бародараш Аҳмад ибни Мутаваккилро фиристод, то бар имом дар хиёбони "Абӯаҳмад" намоз гузорад. Дар ҷаноза ва дафни Имом (а) мардуми зиёде ширкат карданд, одамон хеле зиёд буданд ва гиряю нола боло гирифт. Пас аз анҷоми маросими ҷаноза, он ҳазратро ба хонаашон баргардонданд ва дар он ҷо ба хок супориданд.31 Саломуллоҳи ва салавотуҳу алайҳи ва ало обоиҳит тоҳирин.

### Мӯъҷизаҳои Имом ва робита бо ғайб

Чуноне ки пештар қайд карда будем, имомони маъсум алайҳимуссалом ба ҷиҳати мақоми исмат ва имомат аз алоқаи хосе ба Худои мутаол ва ҷаҳони ғайб бархурдор буданд. Онон монанди пайғамбарони илоҳӣ мӯъҷизот ва каромоте

[30] "Анворулбаҳия", саҳ.151

[31] "Таърихи Яъқубӣ", ҷ.2, саҳ. 502, чопи Бейрут



доштаанд, ки таъкид бар мақоми имомат ва иртиботи онҳо бо Худо мебошад. Намунаҳое аз илму қудрати илоҳии он бузургворон дар мавридҳои муносиб ба розигии Худованд буруз ва зуҳур мекард ва сабаби парваришу тарбияти пайравон ва итминони хотири онон мегардид. Дар ҳақиқат ин мӯъҷизаҳо далели ошкор бар ҳаққонияти он бузургворон ба ҳисоб мерафт.

Аз имоми мукаррам ҳазрати Ҳодӣ (а) низ мӯъҷизаҳо ва каромоти бисёре мушоҳида карда шудааст. Ин мӯъҷизаҳо дар китобҳои таърих ва ҳадис сабт аст ва нақли ҳамаи онҳо ба китоби ҷудогонае ниёз дорад. Акнун мо чанд намунае аз ин мӯъҷизаҳо зикр мекунем:

**1- Имомат ва раҳбарӣ дар айёми кӯдакӣ**:

Ҳамон тавре ки пештар гуфта гузаштем Имом Ҳодӣ(а) пас аз шаҳодати падари гиромиаш, дар синни ҳаштсолагӣ бар маснади имомат қарор гирифт, ки ин худ аз равшантарин каромот ва мӯъҷизаҳо аст. Донистани чунин мақом ва масъулияти вазнине, ки танҳо илоҳист, нафақат аз кӯдакон, балки аз мардони оқилу болиғ низ сохта нест. Олимону муҳаддисони шиа пас аз шаҳодат ва даргузашти ҳар яке аз имомон (а) дар масъалаҳои гуногун ба имоми баъдӣ мурољиат мекарданд ва ҳатто гоҳе ӯро озмоиш менамуданд. Бузургон аз алавиён ва ақвоми имом, ки дар синни камол буданд ба хонаи Имом (а) рафтуомад ва бо ӯ муошират низ доштанд. Бо

таваҷҷӯҳ ба мавориди дар боло зикршуда ғайримумкин аст ҷуз ба хосту таиди Худо ва ҷуз дар иртибот бо исмат ва илму қудрати илоҳӣ кӯдаке битавонад ин мақом ва маснадро дар даст бигирад, ба ҳамаи саволҳо ҷавоби дуруст диҳад ва дар мушкилот роҳбарии дуруст намояд. Ба ҳамаи мо комилан равшану маълум аст, ки ҳатто марди оддӣ низ кӯдаки хурдсоли маъмулиро аз як имоми огоҳи роҳбар тамиз ва ташхис медиҳад.

Монанди ҳамин вазъиятро ҳазрати Имом Ҷавод(а) низ доштаанд. Мо дар шарҳи зиндагии он гиромӣ дар мавриди ин, ки мақоми осмонии имомат монанди нубувват аз сӯи Худост ва ба синну сол алоқа надорад, қайд карда гузаштем.

**2- Хабар аз марги Восиқ - халифаи Аббосӣ**:

Хайрони Асботӣ мегӯяд: “Аз Ироқ ба Мадина рафтам ва ҳидмати Имом Ҳодӣ(а) шарафёб шудам. Он гиромӣ аз ман пурсиданд:

- Восиқ чӣ гуна буд?

Арз кардам:

- Фидоят шавам, дар офият буд ва ман аз дигарон иттилоъ ва огоҳии наздиктаре дорам, зеро акнун аз роҳ мерасам.

Фармуданд:

- Мардум мегӯянд ӯ мурдааст.

Чун ин мавзӯъро фармуд, фаҳмидам манзур аз “мардум” худи Имом (а) аст.

Он гоҳ ба ман фармуданд:

- Ҷаъфар (Мутаваккил) чӣ кард?



Арз кардам:

- Ба бадтарин вазъ дар зиндон буд.

Фармуд:

- Ӯ халифа хоҳад буд.

Он гоҳ фармуд:

- Ибни Зайёт чӣ кард?

Арз кардам:

- Мардум бо ӯ буданд ва амр амри ӯ буд.

Фармуданд:

- Раёсат бар ӯ шум аст.

Сипас қадре сукут карданд ва фармуданд:

- Чорае ба ҷуз иҷрои тақдирот ва ҳукми илоҳӣ нест, эй Хайрон! Бидон, ки Восиқ мурд ва Ҷаъфари Мутаваккил ба ҷои ӯ нишаст ва ибни Зайёт кушта шуд.

Арз кардам:

- Чӣ вақт? Фидоят шавам.

Фармуд:

- Шаш рӯз пас аз берун омадани ту.[32]

Беш аз чанд рӯз нагузашта буд, ки қосиди Мутаваккил ба Мадина расид ва ҷараёни воқеа ҳамон тавре буд, ки Имом (а) гуфта буданд.”[33]

**3- Таккалум ба забони туркӣ**:

Абӯҳошими Ҷаъфарӣ мегӯяд: ҳангоме ки Буғо - сардори сипоҳи Восиқ барои дастгирии аъроб аз Мадина убур мекард, дар Мадина ҳузур

[32]“ Иршод”-и Муфид, саҳ.309

[33] “Фусулулмуҳимма-и Ибни Саббоғи Моликӣ, саҳ.279

доштам. Имом Ҳодӣ(а) ба мо фармуд: биё биравем таҷҳизоти ин туркро бубинем.

Берун омадем ва истодем, сипоҳи омодаи ӯ аз назди мо гузашт ва турке расид. Имом (а) бо ӯ чанд калима бо забони туркӣ сӯҳбат карданд. Ӯ аз маркаб пиёда шуд ва пои имомро бӯсид.

Абӯҳошим мегӯяд: Туркро қасам додам, ки бо ту чӣ гуфт?

Турк пурсид:

- Ин мард пайғамбар аст?

Гуфтам: Не.

Гуфт:

- Маро ба номе хонд, ки дар кӯдакӣ дар билоди турк маро ба он ном мебурданд ва то ин соат касе аз он хабар надошт".

4. **Фурӯтании даррандагон**:

Шайх Сулаймони Балхии Қундузӣ аз уламои аҳли суннат дар китоби "Янобиулмавадда" менависад: "Масъудӣ нақл карда аст, ки Мутаваккил фармон дод се сар аз даррандагонро ба майдончаи кохи ӯ биёваранд ва он гоҳ Имом Ҳодӣ(а)-ро ба кохи худ даъват кард. Вақте Имом (а) дохили майдончаи кох шуд, фармон дод, то дарҳои кохро ба рӯи ҳазрат бананданд. Даррандагон даври имом мегаштанд ва нисбат ба ӯ изҳори фурӯтанӣ мекарданд, Имом бошад онҳоро бо остини худ навозиш мекард. Сипас Имом (а) ба боло назди Мутаваккил рафт ва муддате бо ӯ сӯҳбат кард. Ӯ баъд аз чанде поён



омад ва боз даррандагон ҳамон рафтори пеширо нисбат ба Имом Ҳодӣ такрор карданд, то Имом аз кох берун шуд. Мутаваккил аз мушоҳидаи ин асрор ҷоизаи бузурге барои Имом (а) фиристод.

Ба Мутаваккил гуфтанд:

- Писарамаки ту (Имом Ҳодӣ(а)) ба даррандагон чунон рафтор кард, ки дидӣ. Ту низ ҳамин корро бикун!

Гуфт:

- Шумо қасди қатли маро доред! Ӯ фармон дод ин ҳодисаро фош насозанд".[34]

5- **Ҳайбат ва азамати имом**:

Аштари Алавӣ мегӯяд: бо падарам дар хонаи Мутаваккил будем. Ман дар он ҳангом хурдсол будам ва ҷамоате аз Оли Абӯтолиб, Оли Аббос ва Оли Ҷаъфар ҳузур доштанд.

Вақте Имом Ҳодӣ(а) ворид шуд, ҳамаи онон ки дар хонаи Мутаваккил буданд бо эҳтироми ӯ аз ҷой бархестанд ва он ҳазрат дохили хона шуд. Баъзе аз ҳозирон ба баъзе гуфтанд: чаро барои ин ҷавон аз ҷой хезем, на шарифтар аз мост ва на синнаш бештар аст!. Ба Худо савганд барои ӯ аз ҷой нахоҳем хест!

Абӯҳошими Ҷаъфарӣ, ки дар он ҷо ҳозир буд гуфт: ба Худо савганд, вақте ӯро бубинед ба эҳтироми ӯ аз ҷои худ бармехезед.

---

[34] "Эҳқоқулҳақ", ҷ.12, саҳ.451-452

Дере нагузашта он ҳазрат аз манзили Мутаваккил берун шуд ва чун чашми ҳозирон ба он гиромӣ афтод, ҳамаи онҳо аз ҷой беихтиёр хестанд. Абӯҳошим гуфт:

- Магар нагуфтед ба эҳтиромаш аз ҷой намехезед?

Гуфтанд:

- Ба Худо савганд натавонистем худдорӣ кунем ва худ ба худ аз ҷой хестем.[35]

**6- Хабар аз замир ва дуои мустаҷоб**:

Дар Исфаҳон марди шиае ба номи Абдураҳмон мезист. Аз ӯ пурсиданд, ки чаро ин мазҳабро интихоб кардӣ ва ба имомати Имом Ҳодӣ(а) гаравидаӣ?

Гуфт:

- Ба ҷиҳати мӯъҷизае, ки аз ӯ дидам, достон чунин буд, ки ман марди фақир ва бечизе будам ва дар соле аз солҳо ба сабаби забон ва ҷуръат доштанам маро ҳамроҳи гурӯҳе назди Мутаваккил фиристоданд, то додхоҳӣ кунем. Рӯзе беруни хонаи Мутаваккил истода будем, ки дастури ҳозир кардани Алӣ ибни Муҳаммад ибни Ризо аз сӯи Мутаваккил содир шуд. Ман ба яке аз ҳозирон гуфтам:

- Ин мард кист, ки дастури ҳозир карданаш содир шуд.

[35] “Эъломулваро”, саҳ.360



Гуфт:

- Ин мард алавӣ аст ва рофизиён ӯро имом медонанд ва изофа кард, ки мумкин аст халифа барои қатл кардан, дастури оварданашро дода бошад.

Ба худ гуфтам, ки то ин марди алавӣ наояд ва ӯро набинам ба ҷое намеравам. Ногаҳон шахсеро дидам, ки савори асп ба сӯи хонаи Мутаваккил меояд ва мардум ба эҳтироми ӯ дар ду тарафи роҳ саф кашида буданд ва ӯро тамошо мекарданд. Чун нигоҳам ба ӯ афтод меҳраш дар дилам ҷо гирифт ва ман пайваста ин мардро дуо мекардам, то аз ин шарри Мутаваккил наҷот ёбад. Он ҳазрат аз миёни мардум мегузашт ва нигоҳаш ба ёли аспи худ буд ва чапу ростро нигоҳ намекард ва ман пайваста дар дуои ӯ машғул будам. Вақте ки ба ман наздик шуд, тамоми рӯяшро ба сӯи ман гардонду фармуд:

- Худо дуои туро пазируфт, ба ту умри дароз дод ва молу фарзандонатро зиёд кард.

Чун инро мушоҳида кардам, маро ларза фаро гирифт ва дар миёни дӯстон афтодам. Дӯстонам пурсиданд, чӣ шуд? Гуфтам хайр аст ва чизе нагуфтам. Ҳангоме ки ба Исфаҳон баргаштам, Худо ба ман моли фаровон ато кард. Имрӯз аз амвол он чӣ дар хона дорам қиматаш ба як миллион дирҳам мерасад, ғайр аз он чизе ки берун аз хона дорам. Даҳ фарзанд ёфтаам ва умрам низ аз ҳафтод гузаштааст, ки ҳамаи ин аз

дуои он марди бузург аст. Ман он марди бузургро, ки аз дилам хабар дошт имомии худ мехонам ва бо чашмони худ зуд мустаҷоб шудани дуояшро дидам.

**7- Ҳалли мушкили ҳамсоя**:

Юнуси Наққош дар Сомарро ҳамсояи Имом Ҳодӣ(а) буд ва пайваста ба ҳузури имом шарафёб мешуд ва ба он ҳазрат хидмат мекард.

Боре дар ҳоле ки меларзид назди имом омад ва гуфт:

- Мавлои ман васият мекунам ба хонаводаам ба некӣ рафтор кунед.

Имом фармуд:

- Чӣ шудааст?

Арз кард:

- Омодаи марг шудаам.

Имом бо табасум фармуд:

- Чаро?

Арз кард:

- Мӯсо ибни Буғо, яке аз сардорон ва дарбориёни қудратманди Аббосӣ, нигине ба ман дод, то бар он нақше бароварам. Он нигин хеле қиматбаҳо буд, вале ҳангоме ки мехостам ба он нақш канам, нигин шикаст ва ду қисмат шуд. Фардо рӯзи ваъда аст ва бояд нигинро ба ӯ пас гардонам. Мӯсо ибни Буғо маро ҳазор тозиёна мезанад ё мекушад!

Имом фармуд:



- Ба манзилат рав! Фардо ҷуз хабари хуш чизе намешавад.

Фардои он рӯз Юнус дар ҳоле, ки меларзид ба назди Имом (а) омад ва гуфт:

- Фиристодаи Мӯсо ибни Буғо омад ва ангуштарро мехоҳад.

Имом фармуд:

- Назди ӯ рав ва чизе ҷуз хайру хубӣ нахоҳӣ дид.

Арз кард:

- Мавлои ман, ба ӯ чӣ бигӯям?

Имом бо табассум фармуд:

- Назди ӯ бирав ва он чӣ ба ту хабар медиҳад бишнав! Чизе ҷуз хайр нахоҳӣ дид.

Юнус рафт ва хандон баргашт ва арз кард:

- Мавлои ман чун назди ӯ рафтам гуфт: “Духтарони хурди ман барои ин нигин бо ҳам даъво карданд. Оё мумкин аст онро ду ним кунӣ, то ду нигин шавад, то ба ивази ин кор туро бениёз гардонам”.

Имом(а) Худоро ситоиш кард ва ба Юнус гуфт:

- Ба ӯ чӣ гуфтӣ?

Гуфт:

- Гуфтам вақтам деҳ, фикр кунам, то чӣ тавр ин корро анҷом диҳам.

Фармуд:

- Хуб ҷавоб гуфтӣ.

**8- Дастгирӣ аз Абӯҳошим**:

Абӯҳошими Ҷаъфарӣ мегӯяд: боре факри сахте ба ман рӯй овард. Хидмати Имом Ҳодӣ(а) шарафёб шудам ва чун иҷозат доданд, нишастам. Сипас фармуд:

- Эй Абӯҳошим! Шукри кадоме аз неъматҳои Худоро, ки бароят ато кардааст, метавонӣ ба ҷо орӣ?

Ман сукут кардам ва натавонистам чӣ ҷавоб диҳам. Имом (а) худ фармуд:

- Худо ба ту имон ато кард ва ба ҷиҳати он баданатро аз оташи дӯзах боз дошт, Худо ба ту сиҳат ва офият ато кард ва туро бар итоати худ ёрӣ кард, Худо ба ту қаноат ато кард ва ба ин восита обрӯи туро ҳифз намуд.

Он гоҳ фармуд:

***- Эй Абӯҳошим! Ман ба ин матлаб оғоз кардам, чун гумон мекунам ту мехоҳӣ аз касе, ки ин ҳама неъмат ба ту ато кардааст, назди ман шиква кунӣ. Ман дастур додам сад динор (тилло) ба ту бидиҳанд, онро бигир.***[36]

## Имомшиносӣ дар гуфтори Имом Ҳодӣ (а)

Ҳар як аз имомони дувоздаҳгонаи мо, ки дуруди Худованд бар онҳо бод, на танҳо роҳбари уммат ва баёнгари аҳкоми Ислом ва Қуръон буданд, балки имоми маъсум дар фарҳанги шиа:

[36] Биҳоруланвор ҷ.50 саҳ.129



нури илоҳӣ дар замин, ҳуҷҷати комили ҳақ бар ҳамаи ҷаҳониён, воситаи файз миёни Офаридгор ва офаридагон, оинаи нуронии камолот, баландтарин қуллаи фазоили инсонӣ, маҷмӯаи ҳамаи хайрҳою некиҳо, такягоҳи илму қудрати Худои мутаол, намунаи инсони комили восил ба Худо, маъсум ва барӣ аз фаромӯшию саҳву хато, дорои иртибот бо малакути гетӣ, ҷаҳони ғайб ва фариштагон, огоҳ ба он чӣ буд ва он чӣ хоҳад шуди дунё ва охират, ганҷинаи асрори илоҳӣ ва вориси ҳамаи камолоти анбиё мебошанд.

Оре, вуҷуди муборакн Муҳаммад ва Оли Муҳаммад(с), маркази паргори вуҷуд, сайтараи вилояти арҷмандашон, фавқи вилояти анбиё ва мурсалон, чунон аст, ки барои ғайри эшон қобили дарк нест ва хоси Худои субҳон ва хоси Пайғамбар(с) ва Аҳли Байти маъсумини ӯст ва ҳеҷ тамаъкунандае дар он имкони тамаъ надорад...

Ҳар он чӣ дар манзалат ва мақоми воқеии имомони маъсум гуфтем, бештар аз он дар китоби илоҳӣ ва ривоятҳои мӯътабар аз Паёмбар с) ва маъсумин(а) қобили исбот аст ва дар китобҳои гуногуни бузургони шиа нишон дода шудааст ва ҳоҷати тӯлонӣ кардани калом ва эроду далел нест.

Мавлои мукаррами мо - даҳумин хуршеди осмони имомат Имом Ҳодӣ(а) ба пайравони аҳли байт миннат ниҳода ва инъом фармудааст, ки дар

гуфтори сеҳрангез ва муҳимми худ дар зиёрате ба номи "Зиёрати Ҷомеа" суханро дар марғзоре аз маорифи ҷонпарвари илоҳӣ ба ҷавлон даровардааст. Ӯ аз дарёи дониши худ борони дурру гавҳар бар дӯстони ростини силсилаи азизи имомат нисор намудааст. Ин гуфтор дархӯри ақлҳои мост, на сазовори ҳақиқати имом ва он ҳазрат гӯшаҳое аз зебоиҳои бӯстони Худоро ба мо ҳикоят фармудааст. Ҷони мо фидои хоки ӯ бод, ки мо хокиёнро ба шуои фурӯзони сухани худ бо осмони азамат ва ҷалолати илоҳӣ ошно сохтааст ва мо ташнагонро ба сарчашмаҳои биҳишти кавсари Худо роҳнамоӣ кардааст.

Боре Имом Ҳодӣ (а) ба хоҳиши яке аз дӯстон ва шиаён, барои зиёрати имомони маъсум алайҳимуссалом калимотеро таълим намудаанд, ки дареғамон меояд дар ин мақол, ки аз зиндагии он бузургвор сухан мегӯем хонандагонро аз зикри он ки дар ҳақиқат омӯзандаи мундариҷае аз имомшиносӣ аст, маҳрум бидорем.

Бархе аз бузургон ва олимон ин зиёратро беҳтарини зиёратҳои ҷомеа мешуморанд. Мардони бузурге чун марҳум Шайх Садуқ мутаваффои соли 371-и ҳиҷрӣ онро дар китоби "Ман ло яҳзараҳулфақиҳ" ва китоби "Уюну ахборир Ризо" ва Шайхи Тӯсӣ мутаваффои соли 460-и ҳиҷрӣ дар китоби "Таҳзибулаҳком" нишон додаанд.



Шевоии калом, волоии мазмун ва донишу маърифате, ки дар ин зиёрат мавҷ мезанад, худ гӯёи асолати ин зиёрат ва донандаи дониши арҷманд ва илоҳии гӯяндаи он аст. Инак бо дурудҳои бепоён бар рӯҳи тобноки имомамон ҳазрати Имом Ҳодӣ(а) ба нақл ва тарҷумаи ин каломи баланд мепардозем.[37] Умед он аст, ки зиёраткунандагони роҳи имомон алайҳимуссалом аз ин гавҳари фурӯзони ганҷинаи маорифи исломӣ ғофил намонанд ва дар зиёрати имомони бузургвор, чӣ дар ҳарами он азизон ва чӣ аз роҳи дур бо ин калимоти пурнур зиёрат кунанд:

### Зиёрати Ҷомеа

Мӯсо ибни Абдуллоҳи Нахаӣ мегӯяд, ки ба Имом Ҳодӣ (а) арз кардам: "Эй фарзанди Расули Худо маро зиёрате балиғ ва комил таълим фармо, то ҳар гоҳ хостам яке аз шуморо зиёрат кунам, онро бихонам".

Фармуд:

**-** Чун ба остонаи ҳарами имомон расидӣ биист ва шаҳодатайнро бигӯ, яъне **"Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ва ашҳаду анна Муҳҳаммадан салаллоҳу алайҳи**

[37] Аллома Маҷлисӣ дар мавриди ин зиёрат фармудааст: "Зиёрати Ҷомеа" аз назари санад саҳеҳтарин зиёрот ва аз ҷиҳати матн ва фасоҳату балоғат беҳтарини зиёратҳост". ( Биҳор, ҷ.102 саҳ.144 )

**ва олиҳи абдуҳу ва расулуҳу**". Бояд ғусл карда бошӣ ва чун дохили ҳарам шудӣ биист ва сӣ бор "**Аллоҳу Акбар**" бигӯ. Он гоҳ андаке пеш бирав, бо оромиши дил ва ороми тан қадамҳоятро оҳиста-оҳиста гузор, пас биист ва сӣ бор "**Аллоҳу Акбар**" бигӯ, вақте ба қабр наздик шудӣ сӣ бор "**Аллоҳу Акбар**" бигӯ, то сад такбир тамом шавад.

Он гоҳ бигӯ:

**"Ассалому алайкум ё аҳла байтин нубуввати ва мавзиъар рисолати ва мухталафал малоикати ва маҳбитал ваҳйи ва маъдинар раҳмати ва хуззонал илми ва мунтаҳал ҳилми ва усулал карами ва қодатал умами ва авлиёан ниъами ва аносирал аброри ва даъоимал ахёри ва сосатал ибоди ва арконал билоди ва абвобал имони ва уманоар раҳмони ва сулолатан набиййина ва сафватал мурсалина ва итрата хиярати раббил оламина ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу".**

***"Салом бар шумо эй хонадони нубуввват ва ҷойгоҳи рисолат, маҳалли рафтуомади фариштагон ва нузулгоҳи ваҳй, маъдани раҳмат ва хазинадорони илм, ниҳояти бурдборию ҳилм ва решаҳои каромат, пешвоёни умматҳо ва соҳибони неъматҳо, решаҳои некӯкорон ва пояҳои хубон, сарпарасти бандагони Худо ва нуқтаи иттикои шаҳрҳо, дарҳои имон ва аминҳои Худои раҳмон, чакидаи пайғамбарону баргузидаи мурсалон, хонадони пайғамбари***



***баргузидаи Парвардигори ҷаҳониён ва раҳмати Худо ва баракоти ӯ бар шумо бод".***

"**Салом** бар имомони ҳидоят ва чароғҳои торикиҳо, парчамҳои парҳезкорӣ ва соҳибони ақл, дорандагони хирад ва паноҳгоҳи мардумон, ворисони пайғамбарон ва намунаи бартар ва даъвати беҳтар, ҳуҷҷатҳои Худованд бар ҷаҳониён ва аҳли олами пасин ва пешин ва раҳмати Худо ва баракоти ӯ бар шумо бод".

"**Салом** бар ҷойгоҳҳои маърифати Худо ва мавзеъҳои баракати Худо, маъданҳои ҳикмати Худо ва роздорони Худо, ҳомилони китоби Худо ва ҷонишинони пайғамбари Худо, фарзандони расули Худо (друди Худо бар ӯ ва хонадони ӯ) раҳмати Худо ва баракоти ӯ бар шумо бод".

"**Салом** бар доиён ба сӯи Худо ва раҳнамоён бар хушнудии Худо, устуворон дар амри Худо ва комилон дар дӯстии Худо, ихлосварзон дар тавҳиди Худо ва ошкоркунандагони амру наҳйи Худо, бандагони гиромии ӯ, ки дар гуфтор бар ӯ пеш нагиранд ва ба фармони ӯ амал кунанд ва раҳмати Худо ва баракоти ӯ бар шумо бод".

"**Салом** бар имомони даъваткунанда ва пешвоёни роҳнамо, сарварони сарпараст ва дифоъкунандагони ҳимояткунанда, "аҳли зикр" ва "улиламр", (лутф) мондаи Худо ва баргузидаи ӯ, ҳизби ӯ ва ҷойгоҳи дониши ӯ, ҳуҷҷати ӯ ва роҳи ӯ, нури ӯ ва бурҳони ӯ. Раҳмати Худо ва баракоти ӯ бар шумо бод".

“**Гувоҳам**, ки Худое ҷуз Аллоҳ нест, ки ягона аст ва шарике надорад, ҳамчунон ки Худо бар хеш гувоҳӣ дода ва гувоҳӣ доданд барои ӯ фариштагони ӯ ва соҳибони илм аз офаридагонаш. Маъбуде нест ҷуз ӯ, ки азизу ҳаким аст ва гувоҳам, ки Муҳаммад(с) бандаи баргузида ва расули писандидаи ӯст, ки ӯро бо ҳидоят ва дини ҳақ фиристод, то ӯро бар ҳамаи динҳо ғалаба диҳад ҳарчанд мушриконро бад ояд”.

“**Гувоҳам**, ки шумоён имомони роҳнамо, ҳидоятёфта, маъсум, бузургвор, муқарраб, парҳезкор, ростгӯ, баргузида, фармонбари Худованд, ки устуворон ба амри ӯянд, коркунон ба иродаи ӯ, расандагон ба бузургдошти ӯ ҳастанд. Шуморо ба илми худ баргузид, барои ғайби хеш писандид, барои сирри хеш ихтиёр фармуд, ба қудрати худ баргузид ва ба ҳидояти худ сарбаланд сохт ва ба бурҳони худ махсус гардонид, барои нури хеш интихоб кард ва бо рӯҳи хеш таъйидатон намуд. Писандид, ки шумо халифаҳои ӯ дар заминаш бошед, ҳуҷҷатҳои ӯ бар офаридагонаш, ёрони динаш, нигаҳбонони сирраш, хазинадорони илмаш, амонатдорони ҳикматаш, тарҷумонҳои ваҳйаш, бунёнҳои тавҳидаш, гувоҳон бар халқаш, парчамҳои барафрошта барои бандагонаш, нишони баланду равшан дар шаҳрҳояш ва роҳнамоён бар сироташ бошед. Худованд аз лағжишҳо



нигоҳатон дошт, аз фитнаҳо эмин ва осудаатон сохт, аз олудагӣ покатон намуд, палидиро аз шумо дур кард ва покатон сохт, поксохтанӣ”.

“**Пас** шумо низ ҷалоли ӯро азим шинохтед, шаъни ӯро бузург доштед, карамашро тамҷид кардед, зикрашро идома додед, паймонашро маҳкум намудед, муоҳадаи итоаташро устувор сохтед, дар пинҳону ошкор барои ӯ боихлос будед, ба роҳи ӯ бо ҳикмат ва панди некӯ даъват намудед, ҷонҳоятонро барои ризояти ӯ фидо сохтед, бар он чӣ дар канори ӯ бар шумо расид шикебоӣ варзидед, намозро барпо доштед, закотро пардохтед, амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар намудед, дар роҳи Худо чунон, ки шоистаи ҷиҳод барои ӯст, ҷиҳод кардед, то даъваташро ошкор сохтед, воҷиботашро баён намудед, ҳудудашро иқома кардед, дастуроти аҳкомашро нашр намудед, роҳи Худоро мушаххас намудед, дар он ба ризои ӯ ноил шудед, ба қазои ӯ тан додед ва пайғамбарони гузаштаашро тасдиқ кардед”.

“**Пас**, рӯгардон аз шумо аз дин берун рафтааст, мулозими шумо (ба дин) расидааст, кӯтоҳикунанда дар ҳаққи шумо нобуд аст, ҳақ бо шумо, дар шумо, аз шумо ва ба сӯи шумост, ки шумо аҳли он ва маъдани онед. Мероси нубувват назди шумост, бозгашти халқ ба сӯи шумост, ҳисобашон бо шумо, фаслулхитоб (ҳукми қотеъи ҳақ) назди шумо, оёти Худо пеши шумо,

иродаҳои Худо дар шумо*[38], нур ва бурҳонаш назди шумо ва фармонаш ба сӯи шумост. Он касе ки бо шумо душманӣ варзад бо Худо душманӣ кардааст ва он касе, ки шуморо дӯст дорад Худоро дӯст доштааст. Он ки бо шумо кина варзад бо Худо кинаварзӣ карда ва он ки бо шумо тамассук[39] ҷӯяд ба Худо тамассук ҷустааст".

"**Шумоед** сироти матинтар, гувоҳони сарои фонии дунё, шафеони сарои ҷовиди охират, раҳмати пайваста ва муттасил, ояте (нафиси илоҳӣ) ки нек нигоҳдорӣ мешавад, амонати маҳфуз ва даре, ки мардум ба он озмоиш шаванд. Он ки ба сӯи шумо омад, наҷот ёфт ва он ки наомад ҳалок шуд. Ба сӯи Худо даъват мекунед ва бар ӯ далолат менамоед, ба ӯ имон доред, барои ӯ таслим ҳастед, ба фармони ӯ амал мекунед, ба роҳи ӯ иршод менамоед, ба гуфтаи ӯ ҳукм мекунед. Саодатманд шуд он ки бо шумо дӯстӣ варзид ва ҳалок шуд он ки бо шумо душманӣ кард, навмед шуд он ки шуморо инкор намуд, гумроҳ гардид он ки аз шумо ҷудо шуд, комёб шуд он ки бо шумо тамассук ҷуст, эмин гашт он ки бо шумо паноҳ овард, солим монд он ки шуморо тасдиқ намуд, ҳидоят ёфт он ки ба шумо

[38] Яъне, он чӣ аз тақдирот дар олам воқеъ мешавад ҳама ба иродаи Худост ва аз назди шумо содир мешавад.

[39] Даст задан, пайравӣ кардан.



чанг зад. Он ки аз шумо пайравӣ кард биҳишт ҷои ӯст, он ки бо шумо мухолифат кард, оташи дӯзах маъвои ӯст. Ҳар ки шуморо инкор намояд кофир, ҳар ки бо шумо биҷангад мушрик аст. Ҳар ки шуморо рад кунад ва напазирад дар пасттарин табақаи дӯзах хоҳад буд".

"**Гувоҳам**, ки ин мақом барои шумо дар гузашта буд ва он чӣ боқӣ мондааст ҷараён дорад. Гувоҳам, ки арвоҳи шумо, нури шумо, сиришти шумо яке аст, поку покиза аст, ҳама аз як синхед[40] ва аз якдигаред. Худованд шуморо нурҳое офарид, пас шуморо ба гирди арши худ муҳит гардонид, то он гоҳ ки бар мо ба василаи шумо миннат ниҳод, шуморо дар хонаҳое қарор дод, ки Худованд фармуд рафиъ бошанд ва номаш дар онҳо бурда шавад. Салавот бар шумо ва дӯстии шуморо, ки бар он махсусамон фармуд, (сабаби) покизагии хилқати мо ва таҳорати ҷонҳои мо, тазкияи мо ва каффораи гуноҳони мо қарор дод. Пас мо дар пешгоҳи ӯ ба фазилати шумо мӯътариф гаштем, ба тасдиқи шумо шинохта шудем. Пас Худованд шуморо ба шарифтарин ҷойгоҳи мукаррамон, ба болотарин маротиби муқаррабон, рафиътарин дараҷоти мурсалон расонд. Он ҷо ки ҳеҷ расандае бар он нарасад, ҳеҷ бартариҷӯе бар он бартарӣ наёбад,

[40] Асл, ҷинс, реша, асос, гурӯҳ.

ҳеҷ пешраве бар он пеш нагирад, ҳеҷ тамаъкоре ба идроки он тамаъ наварзад, то он ҷо ки боқӣ намонд ҳеҷ фариштаи муқаррабе, на пайғамбари мурсале, на сиддиқе, на шаҳиде, на олиме, на ҷоҳиле, на пасте, на арҷманде, на мӯъмини шоистае, на бадкори фосиде, на ҷаббори ботилпешае, на шайтони саркаше ва на халқе, ки дар миёни инҳо ҳузур дорад; ҷуз он, ки Худованд бар ӯ шиносонд ҷалолати амри шуморо, азамати шарафи шуморо, бузургии шаъни шуморо, тамомияти нури шуморо, дурустии ҷойгоҳҳои шуморо, устувории мақоми шуморо. Шарофати манзалати шуморо наздаш, каромататонро пеши ӯ, вижагиятонро дар пешгоҳи ӯ ва муқарраб буданатонро ба ӯ”.

“**Падарам** фидоятон бод ва модарам ва хонаводаам ва молам ва хешовандонам. Худоро гувоҳ мегирам ва шуморо, ки мӯъминам ба шумо ва он чӣ шумо ба он мӯъминед ва кофирам ба душмани шумо ва ба он чӣ шумо ба он кофиред. Биноям ба шаъни шумо ва ба гумроҳии он, ки бо шумо мухолифат намояд. Дӯстдорам барои шумо ва дӯстдоронатон, кинаварзам барои душманонатон ва душмани ононам, сулҳ ва созиш дорам бо ҳар ки бо шумо сулҳ ва созиш дорад, дар ҷангам бо ҳар, ки бо шумо биҷангад, тасдиқ мекунам ҳар чиро шумо тасдиқ намоед ва ботил мекунам он чиро шумо ботил намоед, мутеъи шумоям, шиносои ҳаққи шумоям, иқрор



ба фазли шумо дорам, бардоранда ва пазирои илми шумоям, дар зери пӯшиши амони шумо паноҳандаам, мӯътариф ба шумоям, мӯътақид ба бозгашти шумоям, тасдиққунандаи риҷъати шумоям, мунтазири амри шумоям, омода дар интизори давлати шумоям, гирандаи гуфтори шумоям, амалкунанда ба фармони шумоям, паноҳҳоҳи шумоям, зиёраткунандаи шумоям, паноҳанда ба қабрҳои шумоям, дар пешгоҳи Худои азиз ва ҷалил шуморо шафеъ қарор медиҳам ва ба василаи шумо ба даргоҳаш тақарруб[41] меҷӯям, шуморо пешвои хостҳо ва ҳавоиҷ ва муродҳоям дар ҳамаи аҳвол ва умурам қарор медиҳам. Мӯъминам ба пинҳони шумо ва ошкори шумо, ҳозири шумо ва ғоиби шумо, аввали шумо ва охири шумо ва дар ҳамаи ин умур корро ба шумо во мегузорам ва дар он ҳамроҳи шумо таслимам. Дилам таслиму пазирои шумост, раъям пайрави шумо, ёриам омода барои шумо, то Худои мутаол динашро ба шумо зинда ва шуморо дар рӯзгори ҳукуматаш боз гардонад. Шуморо барои адлаш зоҳир созад ва дар заминаш тавоно намояд ва қудрат диҳад”.

“**Пас** бо шумо, бо шумо на бо ғайри шумо имон овардам, ба шумо ва охирини вилояти шуморо пазируфтаам, ба ҳамон гуна, ки вилояти

[41] Наздикӣ ҷустан

нахустини шуморо пазируфтаам. Ба сӯи Худои азиз ва ҷалил аз душманонатон ва аз ҷибт[42] ва тоғут ва шайтонҳо ва ҳизби ситамкорашон ба шумо, ки мункирони ҳаққи шумо, берунрафтагон аз вилояти шумо, ғосибони ирси шумо, шаккунандагон дар бораи шумо ва мунҳарифон аз шумоянд, безорӣ меҷӯям. Безорам аз ҳар маҳрами розе ҷуз аз шумо, ҳар итоатшавандае ғайр аз шумо ва аз пешвоёне, ки ба сӯи оташ даъват мекунанд. Пас Худованд маро ҳамеша то зиндаам бар меҳрварзӣ бо шумо, дӯст доштани шумо ва бар дини шумо побарҷо дорад. Барои итоати шумо муваффақам созад, шафоати шуморо рӯзиам гардонад, маро аз беҳтарин дӯстонатон, ки пайрави он чӣ ба он шумо даъват кунед ҳастанд, қарор диҳад. Маро аз ҷумлаи касоне қарор диҳад, ки пайрави осори шумо ҳастанд ва ба роҳи шумо мераванд, ба ҳидояти шумо ҳидоят меёбанд, дар сафи шумо маҳшур мешаванд, дар риҷъати шумо боз гардонда мешаванд, дар давлати шумо қудратманд мегарданд, дар даврони осоишу офияти шумо мавриди эҳтиром қарор мегиранд, дар рӯзгори шумо тавоноию манзалат меёбанд ва фардо

[42] Бут. Ҳар он чиро, ки ғайри Худо парастиш намоянд. Касе, ки хайре дар ӯ набошад.



чашмонашон ба дидори шумо равшан мегардад”.

“Падарам фидоятон бод ва модарам ва худам ва хонаводаам ва молам. Ҳар кас Худоро бихоҳад ба шумо оғоз мекунад, ҳар кас ӯро ягона хонад аз шумо бипазирад, ҳар кас қасди ӯ кунад ба шумо рӯ оварад. Мавлоёни ман, шумориши санои шуморо наметавонам ва ҳақиқати шуморо ба мадҳ кардан, қадру манзалати шуморо ба тавсиф намудан намерасам ва дарк намекунам. Шумо нури хубон, раҳнамоёни некон, ҳуҷҷатҳои Худованди муқтадир ҳастед. Худованд ба сабаби шумо оғоз кард ва ба сабаби шумо поён мебахшад, ба сабаби шумо борон фурӯ мефиристад ва ба сабаби шумо осмонро нигаҳ медорад, ки бар замин наафтад, магар ба изни ӯ, ба сабаби шумо андӯҳро мебарад, сахтиро бартараф мефармояд ва назди шумост он чӣ фиристодагонаш ва фариштагонаш фурӯд оварданд. Бар ҷадди шумо (ва дар зиёрати Амири мӯъминон Алӣ(а) бигӯ: ба бародари ту) рӯҳуламин Ҷабраил мабъус шуд. Худованд ба шумо ато фармуда аст он чӣ ба ҳеҷ кас аз ҷаҳониён ато накардааст. Ҳар шарифе дар баробари шарофати шумо сар фурӯд оварда, ҳар мутакаббире ба итоати шумо гардан ниҳода, ҳар ҷабборе дар баробари фазлу бартарии шумо фрӯтанӣ кардааст. Ҳама чиз барои шумо хору залил гашта, замин ба нури шумо тобон гашта ва

растагорон ба вилояти шумо растагор шуданд, ба василаи шумо ба сӯи ризвон – биҳишт раҳсупурда шавад ва бар касе, ки вилояти шуморо инкор намояд хашми Худои раҳмон бошад”.

“Падарам ва модарам ва ҷонам ва аҳлу молам фидои шумо бод. Фидои ёди шумо (дар забон) ёдкунандагон, фидои номҳои шумо дар миёни номҳо, ҷасадҳои шумо дар миёни ҷасадҳо, арвоҳатон дар миёни соири арвоҳ, нуфуси шумо дар миёни соири нуфус, осори шумо дар миёни соири осор ва қабрҳои шумо дар миёни соири қабрҳо. Пас чӣ ширин аст номҳои шумо, чӣ гиромӣ аст нуфуси шумо, чӣ бузург аст шаъни шумо, чӣ волост манзалати шумо, чӣ бовафост паймони шумо, чӣ рост аст ваъдаи шумо. Каломатон нур, фармонатон ҳидоят, супоришатон тақво, коратон хайр, шеваатон некӣ, хулқатон карам, шаънатон ҳаққу ростию мадоро, гуфторатон маҳкаму қотеъ ва раъятон донишу бурдборию андешамандӣ аст. Агар хайр ёд шавад шумо оғоз, реша, шоха, маъдан ва ҷойгоҳу ниҳояти онед”.

“Падарам фидоятон бод ва модарам ва худам, чӣ гуна некӯии санои шуморо нисбат ба Худо васф кунам ва зебоии эҳсонатонро баршуморам. Ба сабаби шумо Худованд моро аз зиллат ва хорӣ берун овард, аз сахтиҳои гирифториҳо наҷот бахшид, аз ҷойҳои даҳшатноки ҳалокатҳо ва аз



оташи дӯзах наҷотамон дод. Падарам фидоятон бод ва модарам ва худам, ба дӯстӣ ва вилояти шумо Худованд донистаниҳои динамонро ба мо омӯхт, он чӣ аз корҳои дунёамон табоҳ шуда буд, ислоҳ фармуд, ба дӯстӣ ва вилояти шумо калимаи –имон- тамом шуд ва неъмати бузург гардид, ҷудоӣ ба улфат мубаддал гашт. Ба дӯстӣ ва вилояти шумо ибодати воҷиб пазируфта мешавад, барои шумост дӯстии воҷиб, дараҷоти рафиъ, мақоми сутудаю писандида, макон ва манзалати маълум назди Худои азиз ва ҷалил, обрӯи бузург, шаъни азим ва шафоати пазируфта. Парвардигоро, ба он чӣ фурӯ фиристодӣ имон дорем, аз Пайғамбар(с) пайравӣ мекунем, пас моро аз зумраи шоҳидон бар рисолат бинавис. Парвардигоро, дилҳоямонро баъд аз он, ки ҳидоятамон фармудӣ малағжон ва аз назди худ ба мо раҳмате бибахш, ки ту бисёр бахшандаӣ. Муназзаҳ аст Парвардигори мо, ҳамоно ваъдаи Парвардигори мо шуданӣ аст “.

“**Эй валии Худо**, ба ростӣ миёни ман ва Худои азизу ҷалил, гуноҳоне аст, ки ҷуз ризояти шумо онро барнамедорад. Пас ба ҳақ он, ки шуморо амини сирри худ қарор дод, маъмури риоят ва нигоҳбони умури халқи худ сохт. Итоати шуморо бо итоати худ қарин намуд, ки бар гуноҳонам бахшиш ҷӯед ва шафеони ман бошед, ки ман мутеи шумоям ва ҳар кас аз шумо итоат кунад аз Худо итоат кардааст. Ҳар кас шуморо нофармонӣ

намояд Худоро нофармонӣ намудааст. Ҳар кас шуморо дӯст дорад Худоро дӯст доштааст ва ҳар кас бо шумо душманӣ кунад бо Худо душманӣ кадааст.”

“**Бор худоё**, агар шафеоне наздиктар ба ту аз Муҳаммад(с) ва хонадони баргузидаи ӯ, ки имомони некӯкоранд, меёфтам, ононро шафеони худ қарор медодам. Пас ба ҳаққе, ки барои онон бар худ лозим сохтӣ аз ту мехоҳам, ки маро дар ҷумлаи орифон ба онон, ба ҳаққи онон дар зумраи раҳматшудагон ба шафоати онон ворид созӣ, ки ҳамоно ту арҳамарроҳиминӣ. Худованд бар Муҳамад ва хонадони покаш дуруд фиристад ва саломи бисёр бар эшон нисор фармояд ва ҳасбаналлоҳу неъмал вакил. Худо моро кофӣ, сарпараст ва вакили хубе аст”.

**Шогирдони Имом (а)**

Бо он, ки ситамгарон имкони истифода аз имомонро бисьёр маҳдуд месохтанд, дар айни ҳол бархе аз муштоқони маорифи Қуръон ва Аҳли Байт(а) тавонистанд ба қадри зарфияти худ аз ҳазрати Имом Ҳодӣ(а) касби файз намоянд ва ба маротиби олии имон ва маърифат ноил шаванд. Шайхи Тӯсӣ 175 нафар аз касонеро ки аз Имом Ҳодӣ(а) ривоят кардаанд ном мебарад, ки дар миёни онон чеҳраҳои дурахшоне ба чашм мехӯрад ва мо бархе аз онҳоро ба ихтисор муаррифӣ мекунем:



**Ҳазрати Абдулазими Ҳасанӣ**:

Аз бузургон, ровиён ва донишмандон буд ва дар зӯҳд ва тақво мақоми бузурге дошт. Бархе аз асҳоби имоми шашум, ҳафтум ва ҳаштум(а)-ро дарк карда буд ва худ аз шогирдон ва ровиёни номовари Имом Ҷавод ва Имом Ҳодӣ алайҳимуссалом маҳсуб мешуд.

Соҳиб ибни Аббод менависад:

> ***“Абдулазими Ҳасанӣ дар умури дин огоҳ ва ба масоили мазҳабӣ ва аҳкоми Қуръон комилан ошно буд”.***

Абӯҳаммоди Розӣ мегӯяд: Хидмати Имом Ҳодӣ(а) шарафёб шудам ва масоиле пурсидам, ҳангоме, ки хостам аз хидмати Имом мураххас шавам фармуд:

> ***“Ҳар вақт мушкиле бароят пеш омад аз Абдулазими Ҳасанӣ бипурс ва саломи маро низ ба он бирасон”.***

Дар дараҷаи имон ва маърифат ба он ҷойгоҳ расид, ки Имом Ҳодӣ(а) ба ӯ фармуд:

> ***“Ту аз дӯстони ҳақиқии моӣ”.***

Боре ақидаҳои худро ба имом арза дошт ва Имом Ҳодӣ(а) ақидаҳои ӯро тасдиқ намуд. Чунон ки ӯ мегӯяд: бар мавлои худ Имом Ҳодӣ(а) ворид шудам, чун назараш бар ман афтод фармуд: “Марҳабо бар ту эй Абулқосим! Ту ба ростӣ дӯсти мо ҳастӣ”.

Гуфтам:

- Эй фарзанди Расули Худо, мехоҳам динамро ба шумо арза дорам чунон ки мавриди ризояти шумо буд, бар он собитқадам бошам, то Худои мутаолро мулоқот кунам.

Фармуд:

- Бигӯ.

Гуфтам:

- Эътиқоди ман он аст, ки Худои таборак ва таоло яктост ва ҳеҷ чиз монанди ӯ нест ва ӯ аз ибтол ва ташбеҳ берун аст. (ибтол: яъне Худоро ҳеҷ ангоштан ва ташбеҳ: яъне ӯро ба махлуқот монанд кардан). Худои мутаол на чашм асту на сурат, на аразу на ҷаъфар, балки ӯ падидоварандаи ҷисмҳо, суратгари суратҳо, офаридгори аъроз ва ҷавоҳир, мураббӣ, молик, қарордиҳанда ва падидоварандаи ҳар чиз аст. Муҳаммад(с) банда ва паёмбари ӯ ва охирин сафири илоҳӣ аст. То қиёмат пайғамбаре нахоҳад омад ва шариат ва дини ӯ поёни ҳамаи динҳо ва шариатҳост ва то қиёмат шариате пас аз ӯ нахоҳад омад.

Эътиқод дорам, ки имом, ҷонишин ва сарпараст пас аз Пайғамбари Акрам(с) Амиралмӯъминин Алӣ ибни Абӯтолиб(а) ва сипас Ҳасан ва баъд Ҳусайн, Алӣ ибни Ҳусайн, Муҳамад ибни Алӣ, Ҷаъфар ибни Муҳамад, Мӯсо ибни Ҷаъфар, Алӣ ибни Мӯсо, Муҳаммад ибни Алӣ ва он гоҳ ту мавлои ман ҳастӣ.

Имом фармуд:



- Баъд аз ман фарзандам Ҳасан имом аст, пас мардумро нисбат ба фарзанди Ҳасан чӣ гуна мебинӣ?

Гуфтам:

- Мавлои ман, магар ӯ чӣ гуна аст?

Фармуд:

- Шахси ӯ дида намешавад ва бурдани номаш ҷоиз нест, то он гоҳ, ки қиём кунад ва заминро аз адлу дод пур созад, ҳамон тавре ки аз зулму ҷавр пур шуда бошад.

Он гоҳ гуфтам:

- Эътироф мекунам, ки дӯсти онон дӯсти Худо ва душмани онон душмани Худост, итоат аз ӯ итоат аз Худост ва нофармонии ӯ нофармонии Худост.

Мӯътақидам, ки меъроҷ, саволу ҷавоб дар қабр, биҳишт, дӯзах, сироту мизон дуруст ва ҳақ аст. Рӯзи қиёмат омаданӣ аст, ҳеҷ дурӯғе дар он нест ва Худованд мурдагонро зинда мекунад.

Мӯътақидам, ки воҷиботи дин баъд аз вилоят намоз, закот, рӯза, ҳаҷ, ҷиҳод, амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар аст.

Имом фармуд:

> ***“Эй Абулқосим, ба Худо савганд ин ҳамон дине аст, ки Худои мутаол барои бандагонаш писандидааст. Бар он собит бош! Худованд туро дар дунё ва охират дар гуфтор собит ва устувор бидорад”.***

Дар таърих ривоят мекунанд, ки ҳазрати Абдулазим(а) мавриди таъқиби ҳукумати онвақта қарор мегирад ва барои эмин мондан аз хатар ба Эрон меояд ва дар шаҳри Рай пинҳон мешавад. Дар таърии зиндагии ӯ мехонем:

“Ҳазрати Абдулазим ба шаҳри Рай ворид шуд, дар ҳоле ки аз султони вақт фирор карда буд. Ӯ дар сирдоби хонаи марде аз шиаён дар ”Сиккатулмаволӣ”, яъне кӯи бардагон ё кӯи бузургон истиқомат ихтиёр кард. Ӯ дар он ҷо ба ибодат пардохт. Рӯзҳоро рӯза мегирифт ва шабҳоро ба шабзиндадорӣ ва намоз рӯз мекард. Гоҳе пинҳонӣ аз хона берун меомад ва қабреро, ки муқобили қабри ӯст, ки акнун ба имомзода Ҳамза маъруф аст, зиёрат мекард ва мефармуд: ӯ аз фарзандони Мӯсо ибни Ҷаъфар(а) аст. Ҳамчунон дар он хона мезист ва хабари истиқмати ӯ дар шаҳри Рай оҳиста-оҳиста ба шиаёни хонадони Пайғамбар(с) мерасид, то бештари онон ба ӯ ошно шуданд. Марде аз шиаён Пайғамбарро дар хоб дид, ки ба ӯ фармуд: марде аз фарзандонамро аз Сиккатулмаволӣ меоваранд ва канори дарахти себ дар боғи Абдулҷаббор ибни Абдулваҳоб дафн мекунанд. Пайғамбар(с) ба ҳамин маконе, ки дар он дафн шудааст, ишора фармуд.

Он мард рафт, то он дарахти себ ва заминро аз он мард ҳаридорӣ кунад. Соҳиби замин гуфт:

- Замин ва дарахтро барои чӣ мехоҳӣ?



Харидор хобашро ба ӯ гуфт.

Соҳиби дарахт гуфт:

- Ман низ хобе монанди он дидаам.

Ӯ ҷои дарахт ва тамоми боғро ба ҳазрати Абдулазим ва шиаёнаш бахшид, то дар он ҷо дафн шаванд.

Пас аз чанде ҳазрати Абдулазим бемор шуд ва аз дунъё рафт. Ҳангоми ғусл, ки ӯро бараҳна карданд, аз кисааш як номае ёфтанд, ки насаби ӯ дар он навишта шуда буд”.

Вафоти ҳазрати Абдулазим дар даврони имоматии Имом Ҳодӣ(а) буда аст. Авҷи шахсияти илоҳии он бузургворро дар ривояте, ки Муҳамммад ибни Яҳёи Аттор нақл мекунад, бояд дид, ки мегӯяд:

“Имом Ҳодӣ(а) ба марде аз аҳолии шаҳри Рай, ки ба хизматашон шарафёб шуда буд, фармуд:

- Куҷо будӣ?

Арз кард:

- Ба зиёрати қабри Имом Ҳусайн(а) рафта будам.

Фармуд:

- Огоҳ бош, агар қабри Абдулазимро, ки дар шаҳри шумост зиёрат мекардӣ монанди шахсе будӣ, ки қабри Имом Ҳусайн(а)-ро зиёрат кардааст.

Ҳазрати Абдулазим аз машҳуртарин олимҳо ва ровиёни шиа дар замони имомон алайҳимуссалом маҳсуб мешавад. Он гиромӣ аз

ҷумлаи муаллифон низ будааст. Нақл мекунанд, ки китобе дар бораи хутбаҳои Амиралмӯъминин Алӣ(а) ва китоби дигаре ба номи “Явмун ва лайлиҳи” навишта аст.

**Ҳусайн ибни Саиди Аҳвозӣ**:

Аз ёрони Имом Ризо ва Имом Ҷавод ва Имом Ҳодӣ(а) буд ва аз ҳамаи он бузургворон нақли ҳадис кардааст. Ӯ аслан аз мардуми Кӯфа аст, вале ҳамроҳи бародараш ба Аҳвоз омад ва аз он ҷо ба шаҳри Қум омада дар ҳамон ҷо аз олам чашм пӯшидааст.

Ҳусайн ибни Саид 30 китоб дар бобҳои фиқҳ, одоб ва ахлоқ таълиф кардааст. Китобҳои ӯ дар миёни уламо машҳур аст, чунон ки марҳуми Маҷлисии аввал мефармояд: “Бар васоқати ӯ ва бар амал ба ривоёти ӯ иттифоқи уламо мушоҳида мешавад”.

Марҳуми Аллома дар бораи ӯ фармуда аст: “Вай мавриди вусуқ ва аз аъёни уламо ва ҷалилулқадр будааст”.

Марҳум Шайх Тӯсӣ менависад:

> ***“Ҳусайн ибни Саид илова бар мақоми илмӣ, дар иршод ва ҳидояти мардум мекӯшид. Ӯ Исҳок ибни Иброҳими Ҳазинӣ ва Алӣ ибни Райёнро ба хидмати Имом Ризо(а) расонд ва сабаби ошноии онон бо мазҳаби ҳақ ва ташайюъ шуд. Онҳо аз ӯ ҳадисҳоро мешуниданд ва ба сабаби хидматҳои ӯ ба маориф ошноӣ пайдо***



> ***карданд. Абдулло ибни Муҳаммади Ҳазинӣ ва ғайри ононро ба назди Имом Ризо (а) бурд ва ба маорифи исломӣ ошно шуданд, то он ҷо, ки ба мақомоти олӣ расиданд ва барои Ислом хизмат намуданд”.***

**Фазл ибни Шозони Нишопурӣ**:

Марди бузург ва мавриди эътимод ва фақеҳи олимақом ва мутакалими тавоно буд. Гурӯҳе аз бузургвортарин ёрони имомонро аз қабили Муҳаммад ибни Абӯумайр, Сафвон ибни Яҳё дарк кард ва ҳудуди панҷоҳ сол ба онон муошират дошт ва аз онон истифода мекард, чунон ки худаш мегӯяд: "Ҳангоме ки Ҳишом ибни Ҳакам вафот кард Юнус ибни Абдураҳмон халифаи онон шуд ва ҳангоме, ки ӯ даргузашт Саккок дар радди мухолифон халифаи онон гардид ва ҳамакнун халифаи онон манам".

Шайхи Тӯсӣ ӯро ҷузви асҳоби Имом Ҳодӣ ва Имом Аскарӣ(а) зикр кардааст ва бархе аз уламои риҷол ӯро аз асҳоби Имом Ҳодӣ(а) навиштаанд, зимни он ки ӯро аз ёрони Имом Ҷавод ва Имом Аскарӣ(а) низ донистаанд.

Фазл ибни Шозон китобҳои бисёре навиштааст. Ӯ 170 китоб таълиф кардааст ва аз он ҷумла китоби “Ал-изоҳ” дар илми калом ва таҳлили ақидаҳои асҳоби ҳадис аст, ки тавассути донишгоҳи Теҳрон дар соли 1392-и қамарӣ ба чоп расидааст.

Осори Фазл ибни Шозон мавриди таваҷҷӯҳи уламои бузург буда ва ба қавли ӯ дар радди қабули ровиён иктифо мекарданд. Марҳум Кулайнии Порайӣ калимот ва назарҳои ӯро дар китоби шарифи "Кофӣ" мавриди таваҷҷӯҳ қарор додааст. Марҳуми Саддуқ ва Шайхи Тӯсӣ низ ба калимот ва аҳволи ӯ бисёр таваҷҷӯҳ доштанд. Муалифи "Ҷомеъуррувот" менависад: "Ӯ раис ва бузурги тоифаи мо шиаён аст ва арҷмандтар аз он аст, ки дар бораи ӯ сухан бигӯем".

Фазл ибни Шозон дар сафаре ба хидмати имоми ёздаҳум шарафёб шуд. Ҳангоми мураххас шудан аз хидмати Имом(а) китобе, ки худаш навишта буд аз дасташ афтод, Имом(а) онро бардошт ва мулоҳиза кард ва бар ӯ раҳмат фиристод ва фармуд:

> ***"Ман ба мардуми Хуросон ҳасад мебарам, ки Фазл ибни Шозонро дар миёни худ доранд".***[43]

Ба ривояти дигар китоби "Ал-явм вал-лайлиҳи"-и ӯро ба Имом Аскарӣ(а) нишон доданд. Он гиромӣ се бор ба ӯ раҳмат фиристод ва фармуд:

> ***"Сазовор аст ба он амал шавад".***

Шаҳиди бузургвор Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ дар бораи Фазл ибни Шозон менависад:

[43] "Ҷомеуррувот", ҷ.2 саҳ.5



> ***"Ӯ аз акобири мутакаллимин ва афозили муфассирин ва муҳаддисин ва аозими ашрофи фуқаҳо ва муҷтаҳидин ва аъёни қурро ва нуҳот ва луғавиюн буда аст".***

Фазл ибни Шозон дар Нишопур мезист. Абдуллоҳи Тоҳир ӯро ба сабаби шиа буданаш бадарға кард ва ӯ ба шаҳри Байҳақ рафт. Ҳангоме ки хавориҷ дар Хуросон туғён карданд, Фазл аз бими онон аз он ҷо берун омад ва аз ранҷи роҳ бемор шуд. Ӯ дар айёми имоматии Имом Аскарӣ(а) аз дунё рафт ва дар Нишопури кадим ба хок супурда шуд. Қабраш дар якфарсахии Нишопури имрӯза буда ва ба зиёратгоҳ табдил ёфтааст.

## Суханони Имом Ҳодӣ (а)

Дар охир шоиста аст барои пайравӣ ба вилояти он имоми азиз ва бузургвор ба нақли чанде аз гуфтори он Ҳазрат табаррук ҷӯем:

Имом аз падарони гиромиаш нақл мефармояд, ки Расули Худо(с) фармудаанд:

1. "...**Ал-имону мо ваққиратҳул қулубу ва саддақатҳул аъмолу, вал ислому мо ҷаро биҳил лисону ва ҳаллат биҳил мунокиҳату**".

***Имон он аст, ки дилҳо пазирои он бошад ва аъмол онро нишон диҳад ва тасдиқ кунад. Ислом он аст, ки бар забон ҷорӣ гардад ва издивоҷро ҳалол гардонад.***

**2. “Ман разия ан нафсиҳи касурас сохитуна алайҳи”.**

***Касе, ки худписанд бошад, норозиёни ӯ зиёд хоҳанд буд.***

**3. “Алҳазлу фукоҳатус суфаҳои ва саноъатул ҷуҳҳоли”.**

***Шӯхию беҳудагӣ, саргармӣ ва тафриҳи бехирадон ва кори нодонҳост.***

**4. “Ман ҷамаъа лака вуддаҳу ва раъяҳу фаҷмаъ лаҳу тоъатака”.**

***Касе, ки дӯстӣ, хайрхоҳӣ ва назарашро дар ихтиёри ту бигзорад, ту низ итоати худро дар ихтиёри ӯ бигзор ва пазириш дошта бош.***

**5. “Ман ҳонат алайҳи нафсуҳу фало таъман шарруҳу”.**

***Он кас, ки шахсияти худро ночиз ангошта ва барои худ арзише қоил нест, аз шарри ӯ эмин мабош.***

**6. “Ад дунё суқун рабиҳа фиҳо қавмун ва хасира охарун”.**

***Дунё бозоре аст, ки гурӯҳе дар он суд мебаранд ва гурӯҳе зиён.***

**7. “Маниттақаллоҳа юттақо ва ман атоъаллоҳа ютоъу ва ман атоъал холиқа лам юноли сахатал махлуқина”.**

***Касе аз Худо парво дошта бошад, аз ӯ парво доранд ва касе, ки аз Худо итоат кунад, аз ӯ итоат кунанд ва касе, ки аз Офаридгор итоат кунад, аз хашми офаридагон боке надорад.***



**8. “Инназ золимал ҳолима якоду ан юъфо ало зулмиҳи биҳилмиҳи”.**

***Ситамкори бурдбор мумкин аст ба хотири ҳилм ва бурдбориаш мавриди афв қарор гирад.***

**9. “Иннал муҳиққас сафиҳа якоду ан ютфиа нура ҳаққиҳи бисафаҳиҳи”.**

***Касе, ки ҳақ бо ӯст вале сафиҳона[44] рафтор мекунад, мумкин аст нури ҳаққашро ба ҷиҳати амали сафиҳонааш хомӯш созад.***

***Поён.***

[44] Аҳмақона, беақлона.

## Мундариҷа

Сарсухан ........................................................................5
Фишурдае аз таърихи зиндагии Имом Ҳодӣ .....9
Рафтори хулафо...........................................................10
Даъвати Имом ба Сомарро ...............................19
Ҳуҷуми навбатӣ ба манзили Имом (а).............27
Маҳдудияти Имом (а) ва шаҳодат .....................31
Мӯъҷизаҳои Имом ва робита бо ғайб...............33
Имомшиносӣ дар гуфтори Имом Ҳодӣ (а)......43
Зиёрати Ҷомеа.............................................................46
Шогирдони Имом (а)...............................................59
Суханони Имом Ҳодӣ (а)........................................68